آوازتاجیک
Рўзнома аз соли 1924 чоп мешавад
Номҳои пешинаи рўзнома «Овози тоҷики камбағал» (соли 1924), «Овози тоҷик» (соли 1924-1931), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1931-1940), «Ўзбекистони сурх» (солҳои 1950-1964), «Ҳақиқати Ўзбекистон» (солҳои 1964-1991)

Бани одам аъзои якдигаранд!

# Овози тоҷик

8 январи соли 2025 Чоршанбе
№ 3 (15118)

e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru

## ДАР МАРКАЗИ ЗАРГАРӢ 325 НАФАР БО КОР ТАЪМИН ГАРДИДАНД

***Дар ҳудуди маркази савдои байналхалқии Тирмиз, ки дар ноҳияи Тирмиз ҷойгир аст, фаъолияти маркази истеҳсоли маҳсулоти заргарии «Termez Gold Production» ба роҳ монда шуд.***

*Арзиши лоиҳаи мазкур 6,7 миллион доллари амрикоӣ буда, аз рўйи ақидаи мутахассисон дар доираи он соле истеҳсоли наздик ба 6 тонна маҳсулоти заргарӣ пешбинӣ шудааст.*

*—Чунин заводи калони заргарӣ аввал фақат дар Тошканд вуҷуд дошт, ки акнун дар Тирмиз низ фаъолияти он ба роҳ монда шуд, — гуфт ҷонишини директори корхона Ҳаётҷон Юсупов. – Таҷҳизоти заруриро аз давлатҳои Туркия, Италия ва Ҷопон овардем. Ба маҳсулоти мо харидорон аз Афғонистон, Ҳиндустон, Покистон ва АМА бисёранд ва мо бо баъзеи онҳо шартномаҳоро низ имзо кардем.*

*Дар корхона маҳсулот мувофиқи талаби мизоҷон бо ороишоти гуногун омода шуда, аз истеҳсол то ба фурўш рафтани он таҳти назорат гирифта шудааст.*

*Ҳоло дар марказ 325 нафар бо кор таъмин шудаанд, ки 60 фоизи онҳо ҷавононанд. Роҳбари завод таъкид намуд, ки баъд аз пурра ба кор даромадани корхона шумораи коргарон ба 400 нафар хоҳад расид.*



***Дар сурат:*** *дар маркази истеҳсоли маҳсулоти заргарии «Termez Gold Production».*

**Суратгир: Ҷ. ҚЎЗИМУРОДОВ (ЎзА).**

## БОЗ ЯК ҚАДАМ СЎИ РУШДИ НАҚШИ ИНСТИТУТИ ОМБУДСМАН ДАР ЎЗБЕКИСТОНИ НАВ

***15 ноябри соли 2024 қонуни нави Ҷумҳурии Ўзбекистон «Дар бораи намояндаи Ҷумҳурии Ўзбекистон оид ба ҳуқуқҳои инсон (Омбудсман)» қабул гардид. Ин қонун бо мақсади боз ҳам самаранок ва шаффоф гардондан, мустаҳкам намудани механизмҳои ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, беҳтар гардондани муносибатҳо байни давлат ва ҷамъият ба майдон омад.***



Мақсади асосии қонун – такмил додани асосҳои ҳуқуқии институти Омбудсман, таъминсозии ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва пурзўр намудани нақши он байни давлат ва ҷамъият аст. Қонуни нав баробари васеътар намудани доираи фаъолияти Омбудсман ба он ваколат ва маҷбуриятҳои нав медиҳад. Ин бо мустаҳкамшавии фаъолияти Омбудсман оиди ҳуқуқҳои инсон, ба таъминшавии ҳифзи ҳуқуқии шаҳрвандон нигаронида шудааст. Пеш аз он ки дар бораи тағйирот ва иловаҳои қонун дахолат кунем, дар бораи аҳамияти институти Омбудсман дар ҳаёти инсон ва ҷамъият таваққуф менамоем. Институти Омбудсмани Ҷумҳурии Ўзбекистон, яъне фаъолияти намоянда оиди ҳуқуқҳои инсон бобати ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва таъмини шаффофӣ аз тарафи давлат аҳамияти муҳим дорад. Ин институт баҳри беҳбудии адолати иҷтимоӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ, мониторинги фаъолияти органҳои давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои инсон, инчунин мустаҳкам намудани боварии онҳо ба давлат хидмат мекунад.

1. Вазифаи ососии Омбудсман ҳифзи ҳуқуқҳои инсон аст. Он қарорҳо ва фаъолияти мақомоти давлатиро вобаста ба халалдоршавии ҳуқуқҳои инсон месанҷад. Агар органҳои давлатӣ бар хилофи ҳуқуқҳои инсон рафтор кунанд, Омбудсман ба кор дахолат карда, шикоятҳоро дида мебарояд ва қабул кардани қарори дурустро талаб мекунад. Дар натиҷа Омбудсман бобати ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои одамон ҳамчун назоратчии асосӣ ва органи ёрирасон хидмат мекунад.

2. Омбудсман барои қавитар гардидани боварии байни ҳамдигарии ҷамоату давлат кумак мерасонад. Боварии аъзоёни ҷамъиятро бобати аз ҷониби органҳои давлатӣ ва ҳокимият мувофиқи талабҳои қонун дар асоси баробарию адолатнокӣ қабул карда шудани қарорҳо зиёд мекунад. Баробари ин Омбудсман ба мустаҳкам шудани боварии байни одамон ва идораҳои давлатӣ таъсир мерасонад.

3. Бобати назорат кардани фаъолияти мақомоти давлатӣ аҳамияти ҷудогона дорад. Яъне аз вазифаҳои муҳимтарини Омбудсман назорат кардани фаъолияти органҳои давлатӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон аст. Агар ба мадади Омбудсман эҳтиёҷ пайдо шавад, ба онҳо бо роҳи омўхтан, таҳлил намудан, тавсияю хулосаҳо кумак расонда мешавад. Ҳамин тариқа Омбудсман мақомоти давлатиро водор месозад, ки қарорҳои дуруст қабул кунанд.

4. Дида баромадани шикоятҳо ва расондани ёрии ҳуқуқӣ.

Яке аз вазифаҳои муҳимтарини Омбудсман дида баромадани шикояти шаҳрвандон ва ба онҳо расондани ёрии ҳуқуқӣ аст.

Омбудсман инчунин бо роҳи таълим ва маслиҳати ҳуқуқӣ, фаҳмондани улумҳои татбиққунӣ ва ҳифзи ҳуқуқҳои конститутсионӣ савияи ҳуқуқии одамонро боло мебардорад. Ин аз ҷумлаи фаъолияти Омбудсман бобати беҳтарсозии муносибати байниҳамдигарии одамону мақомоти давлатӣ мебошад.

5. Беҳтарсозии қонунгузорӣ. Омбудсман метавонад ба мувофиқии қонунгузории миллӣ бо ҳуқуқҳои инсон баҳо диҳад ва бобати дохил намудани дигаргуниҳои зарурӣ ба онҳо таъсир расонад. Он такмил додани қонунҳо ва омода сохтани қонунҳои навро талаб карда метавонад. Ба шарте ки онҳо бо ҳуқуқҳои инсон, ё мизони одамон мувофиқат накунанд. Ин баҳри ҳифзи ҳуқуқҳои инсон нақши муҳим бозидани Омбудсманро тасдиқ менамояд.

6. Ҳамкорӣ бо ҷамоат. Омбудсман бо ҷамоат, созмонҳои миллию байналхалқӣ ҳамкорӣ карда, баҳри ҳалли масъалаҳо дар соҳаи ҳуқуқҳои инсон талаботи зиёд мегузаронад. Ин ҳамкорӣ имкон медиҳад, ки аз навтарин талабҳо оиди ҳуқуқҳои инсон, таҷрибаи пешқадамтарини ҷаҳонии Омбудсман оиди ҳифзи ҳуқуқҳои инсон истифода бурда шавад. Институти Омбудсмани Ҷумҳурии Ўзбекистон бобати ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, назорат кардани фаъолияти идораҳои давлатӣ, расондани кумаки ҳуқуқӣ ва кор бо ҷамоат аҳамияти муҳим дорад. Ин институт баҳри пойдории самаранокӣ ва боваринокии алоқаҳои давлату ҷамоат, таъмини ҳифзи ҳуқуқҳои инсон ва мустаҳкам намудани адолат нақши муҳим мебозад. Фаъолияти Омбудсман дар Ўзбекистон қадами муҳим сўи рушди демократия, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон аст. Дар қонуни нав вазифаҳои Омбудсман амиқу равшан ифода ёфтааст. Дигаргунӣ ва навигариҳои қонун чунинанд:

**(Давомаш дар саҳ.2).**

***Дар мамлакатамон дастгирии ҳамаҷонибаи аҳолӣ, аз ҷумла занону духтарон ва ҷавонон, фароҳам овардани шароити зарурӣ ба онҳо дар диққати маркази ҳукумат қарор дорад.***
***Аз ҷумла, дар ноҳияи Чуст низ дар ин самт корҳои муфид амалӣ мегарданд.***

## МАРКАЗ – КУМАКРАСОНИ ОИЛАИ МУСТАҲКАМ

– Дар ноҳияи мо «Маркази ба ҳаёт тайёр намудани ҷавонон» ташкил шудааст. Дар давоми як моҳ рўзҳои ҷумъа бо ҷавононе, ки ба САҲШ бо мақсади издивоҷ ариза супурдаанд, машғулоти назариву амалӣ гузаронида мешавад,– мегўяд сармутахассиси гурўҳи оила ва занондухтарони ноҳия Мунира Абдуллоева. – Имоми ноҳия, психологҳо бо онҳо машғулот гузашта, суҳбат мекунанд, маслиҳатҳои лозимӣ медиҳанд. Мо сарони оилаҳои намунавӣ, ки таҷрибаи ғании ҳаётӣ доранд ва ҷавонони пешқадамеро, ки дар соҳаҳои гуногуни ҷамъият ба дигарон намунаанд, даъват мекунем. Онҳо аз таҷрибаи худашон нақл мекунанд. Дар давоми машғулот дар мавзўъҳои «Оила – даргоҳи муқаддас», «Оилаи солим – ҷамъияти солим», «Нақши оила дар рушди давлат ва ҷамъият» ва «Оилаи фаровон – пешравии асосии ҷамъият» маърўзаҳо шунида мешаванд, иштирокдорон фикру мулоҳизаҳои худро баён мекунанд.

Соли ҷорӣ дар марказамон 1025 ҷуфт домоду арўс соҳиби сертификат шуданд. Барои сертификат гирифтан онҳо бояд машғулоти 40 соатинаро аз худ кунанд. Бо ҷавононе, ки дар остонаи ҳаёти мустақил қарор доранд, дар бораи психологияи оила, муносибатҳои ҳуқуқиву оилавӣ, асосҳои саломатии репродуктивӣ, мустаҳкамсозии арзишҳои милливу маданӣ, маънавию ахлоқӣ, эҳтиром нисбати падару модарон ва аъзои оила суҳбатҳо гузаронида мешаванд.

– Ба қарибӣ мо дар машғулот иштирок карда, соҳиби сертификат шудем,– мегўяд домод Сарвар Алиеви 26-сола. – Дар маҳаллаи Машҳад зиндагӣ мекунем. Арўсам Ойдиной низ духтари ҳамин маҳалла аст. Барои мустаҳкамсозии оила кумаки ин марказ хеле назаррас аст. Дар ин ҷо оид ба ҳаёт бисёр чизро омўхтан мумкин. Машғулиятҳо низ шавқовар мегузаранд. Ҳар як панду ҳикмати калонсолон мактаби ҳаёт аст.

**Шоҳида ДАМИНОВА,**
**мухбири «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Наманган.**

## НАТИҶАИ МУВАФФАҚИЯТҲО ҲАЁТРО ФАРОВОН ВА РЎЗГОРРО ОБОД МЕКУНАД

***Имрўзҳо шукўҳи Ўзбекистони Навро бо омадани соли нави 2025 дар саросари кишвари соҳибистиқлоламон боз ҳам бештар мушоҳида кардан мумкин аст. Хусусан аксари онҳое, ки дар шаш-ҳафт соли охир, бо пайдо шудани имкониятҳои фаровон ба муваффақиятҳои бештар соҳиб шудаанд, аз Сарвари давлат ва ҳукумат розӣ ҳастанд. Онҳо дар рўзҳои солинавӣ иду тантана ва шодмониро бо пайвандони худ идома медиҳанд.***

Тағйироту дигаргуниҳое, ки дар солҳои охир рўи кор омадаанд, дар фаъолияти фермерҳову соҳибкорон чӣ нақшу таъсири мусбат гузоштааст? Инро дар мисоли суҳбату мулоқот ва натиҷагириҳо бо як идда соҳибкорону фермерон дида мебароем, ки дар шаҳру ноҳияҳои гуногуни вилоят даст ба кор мебошанд. Онҳо талош ба харҷ медиҳанд, ки минбаъд низ ба натиҷаҳои бештари меҳнатӣ ноил гарданд.

– Ҳоло дар тасарруфи хоҷагии фермерии «Сўлим боғи»-и мо, ки дар қаламрави ҷамоати шаҳрвандони Сўфони шаҳри Қувасой воқеъ гаштааст, 15 гектар ниҳолҳои гуногуни мевадиҳанда ва дар атрофи он дарахти сафедор парвариш мекунем. Ҳар сол аз ҳисоби боғамон ба бозорҳои шаҳру вилоят даҳҳо тонна себу шафтолу, анору нок, биҳиву хурмо ва амсоли он армуғон месозем, – мегўяд раҳбари хоҷагии фермерӣ Дилшод Сотволдиев.

Вай муддати 15-16 сол бо аъзои хонаводааш ва як гурўҳ коргарони доимиву мавсимӣ дар пайи парвариши ин боғ зарбдорона меҳнат мекунад. Аммо таваҷҷуҳи мақомоти роҳбарии кишвар ба фермерон мояи ифтихори ўст, зеро шароити кор беҳтар гардид, санҷишҳои пайдарҳам аз байн рафтанд ва онҳо аз коғазпуркуниҳои зиёд наҷот ёфтанд.

– Падарам Мирзораҳмат чанд сол дар мақоми директори корхонаи шифербарории шаҳри Қувасой кор кардааст, баъд дар қатори аввалинҳо ба таъсиси ширкати хусусии «Рубер» иқдом намудааст. Вай ҳамеша маслиҳатгўи ман мебошад. Ростӣ, аз паси меҳнат рўзгорамон саришта, дасторхонамон фаровон аст, – тазаккур медиҳад ин ҳамсуҳбати мо. – Бархе аз корҳои ширкати хусусии ўро ман бар дўш дорам.

**(Давомаш дар саҳ.2).**

*Соли ҳифзи муҳити зист ва иқтисодиёти «сабз»*

## ТО КИ МУҲИТИ МО ПОКИЗА БОШАД

***Гоҳе дар кўчаву хиёбонҳои шаҳр, ё худ пайроҳаҳои гузару деҳ гаштугузор намуда, ба атрофу акноф назар меафканем. Мебинем, ки роҳиён партовҳои гуногунро ба ҷойи дилхоҳ афкандаанд. Дар баъзе ҷойҳо, бахусус атрофи хонаҳои бисёрошёна, бозорҳои шаҳр, гўё умре ҳашар, корҳои тозакунӣ амалӣ нашудаанд. Атроф партовгоҳро мемонад. Хуб мешуд, агар одамон баҳри тозагии атроф, муҳити зист камари ҳиммат банданд. Муташаккилона ҳашар гузаронанд. Охир, ин анъана дар мо асрҳо инҷониб идома дорад.***

Маълумотҳо собит менамоянд, ки дар як қатор давлатҳои мутараққии дунё маҳз туфайли риоя намудан ба тозагии атроф ва муҳити зист мардум ба муваффақиятҳои калон ноил шудаанд. Мегўянд, ки дар Сингапур ба шаҳрвандон барои ба тозагӣ риоя накардан ва олудасозии муҳит ҷазоҳои сахт муқаррар карда шудааст.

Ҷопониҳо ба атроф ҳатто коғазпора намепартоянд. Ҳар як ашё барои онҳо ҷойи худ ва қадру қимат дорад.

Чандин сол боз бо ташаббуси Президент корхонаи воҳиди «Тоза ҳудуд» таъсис ёфт ва техникаи махсус дар минтақаҳо барои ҳифзи муҳити зист масъуланд. Дар маҳалҳо партовҳои аз хоҷагии аҳолӣ ҳосилшударо ғундошта, ба майдонҳои махсус мекашонанд. Дар он ҷо партовҳоро аз нав коркард мекунанд.

Бо вуҷуди ин то ҳанўз маданияти экологии мардуми мо ташаккул наёфтааст. Вагарна атрофу акнофи мо то ба ин дараҷа нотоза намебуд.

Ба наздикӣ иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Ҷиззах Улуғбек Мустафоев корро аз дидани маҳаллаҳои шаҳри Ҷиззах, ноҳияҳои Шароф Рашидов ва Зарбдор оғоз намуд. Табиист, ки дар давоми сафар чашмаш ба чандин партовгоҳи сунъӣ афтод. Чунончӣ, ҳангоми боздид аз мактаби таҳсилоти ҳамагонии рақами 32-юми ноҳияи Шароф Рашидов шоҳиди дар наздикии биноҳои истиқоматӣ мавҷуд будани партовҳо гардид. Вобаста ба ин ва боз чанд масъалаи дигар ба ҳокими ноҳия Маҳмуд Холбўтаев супоришҳои мушаххас дод.

Улуғбек Мустафоев бозорҳои шаҳрро аз назар гузаронида, ба мутасаддиён гуфт, ки растаҳои бозорро ба тартиб дароранд, ба тозагӣ риоя намоянд.

Ё ин ки зимни сафар ба ноҳияи Зарбдор шоҳиди он шуд, ки қабристони «Кўкча», воқеъ дар ҳудуди маҳаллаи Янгикент дар ҳоли ҳузновар қарор дорад. Ба ободонӣ ва тозагии минбаъдаи он масъулонро вазифадор кард.

Аз дафтари матбуоти Садорати экологияи вилоят иттилоъ доданд, дар давоми «Даҳрўзаи зарбдор», ки саросари ҷумҳурӣ аз 25 декабри соли 2024 то 5 январи соли ҷорӣ идома дошт, якчанд тадбир тарҳрезӣ ва амалӣ гардиданд.

Ба наздикӣ бо ташаббуси Ҷамъияти масъулияташ маҳдуди «Eko-house» ҳашари экологӣ гузаронида шуд. Ба ин ҳашар, ки дар ҳудуди маҳаллаҳои «Заргарлик», «Кимёгар», «Халқобод»-и шаҳри Ҷиззах гузашт, техникаҳои махсуси корхонаи «Тоза ҳудуд» ҷалб карда шуданд.

Ғайр аз ин, эколог-журналистон дар якчанд муассисаи таълимӣ дарсҳои экологӣ гузарониданд. Хароҷоти ин корҳои тарғиботиро Агентии кор бо ҷавонони ҷумҳурӣ ба ўҳда гирифтааст.

Хулоса, баробари ходимони идораҳои экологӣ, ҳифзи муҳити зист, ҳизби ҳамном ҳар яки мо низ бояд барои тозагии атрофу акнофи худ масъул бошем.

**Анорбой НАЗАРОВ,**
*вилояти ҶИЗЗАХ.*

***Ҳокими ноҳияи Нуратои вилояти Навоӣ бо намояндагони ширкати «China Energy», ки дар ноҳия неругоҳи барқии гибридиро бо иқтидори 600 МВт бунёд мекунад, мулоқот намуд. Зимни мулоқот чораҳои бунёди неругоҳ таҳлил ва баррасӣ гардиданд.***

## ДАР НУРАТО НЕРУГОҲИ БАРҚИИ ГИБРИДӢ БУНЁД МЕГАРДАД

Неругоҳи барқии гибридӣ маҷмўи неругоҳҳои барқии офтобӣ ва бодӣ, ҳамчунин сохтори захираи энергияи барқиро дар бар мегирад. Татбиқи лоиҳаи мазкур ба таъмини аҳолӣ ва соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт бо энергияи доимии барқӣ нигаронида шудааст. Неругоҳи барқии офтобӣ ва бодӣ бо иқтидори 300 мегаваттӣ, ҳамчунин сохтори захираи барқ бо иқтидори 150 МВт аз ҷониби ширкати «China Gezhouba Group Overseas Investment Co. Ltd»-и Чин сохта мешавад.

Дар бунёди неругоҳҳо то 600 нафар коргарони мавсимӣ кор мекунанд. Пас аз анҷоми сохтмон 60 нафар бо шуғли доимӣ таъмин мегарданд.

Татбиқи лоиҳа имконият медиҳад, ки 1700 миллион кВт/соат неруи барқ истеҳсол гардида, 700 ҳазор хонадон бо энергияи «сабз» таъмин шавад. Дар натиҷа 515 миллион мукааб газ захира гардида, заҳролудшавии атмосфера аз 714 ҳазор тонна партобҳои зараровар пешгирӣ карда мешавад.

**Ўзбакбойи РАҲМОН,**
**хабарнигори**
**«Овози тоҷик».**
*Вилояти НАВОӢ.*

# НАТИҶАИ МУВАФФАҚИЯТҲО ҲАЁТРО ФАРОВОН ВА РӮЗГОРРО ОБОД МЕКУНАД

(Аввалаш дар саҳ.1).

Ғайр аз нуқтаи савдои маҳсулоти нафтӣ, дар ихтиёри ин ширкат як гармхона низ мавҷуд аст, ки дар он ду нафар ба парвариши лимон машғул мебошанд. Ҳар сол аз ин гармхона даромади қобили мулоҳиза ба даст меояд. Инчунин аъзои чанд хонаводаи камбизоат низ таҳти ҳимояти онҳо қарор доранд.

Гуфта мешавад, ки ҳамвору равон шудани роҳҳои дохилӣ, қомат афрохтани иморатҳои гуногуни истиқомативу маъмурӣ, афзоиши теъдоди нуқтаҳои савдо ва амсоли он боис гардидааст, ки мардум ба ҷое нарафта аз худи маҳалла маводи мавриди заруриашро пайдо кунад.

– Мо дигаргуниҳоро дар ҳаёти рӯзмарраи худу мардуми маҳаллаи худамон мебинем. Ба мо кафолат дода шудааст, ки ба таври озод машғули кор шавем. Барои ҳамин ҳосили имсолаи пахта ва ғалламон низ мувофиқи табъ баромад ва аз паси он зиндагиамон беҳбуд меёбад. Аммо ҳамаи муваффақиятҳо натиҷаи талош ва меҳнати шабонарӯзии коргарони заҳматписанди хоҷагии фермериамон аст, ки онро наметавон нодида гирифт, – мегӯяд фермери деҳаи Тоҷиккишлоқи ноҳияи Қува Кибор Ҳусайнов.

Вай меафзояд, ки соли гузашта хоҷагии фермериашон «Қува–диёри тиллоӣ» аз аввалинҳо нақшаи шартномавии ҳам ғалла ва ҳам пахтасупориро фатҳ намуд. Дар 20 гектари майдони хоҷагӣ ғалла коштанд ва аз ҳар гектар ба ҷойи 65 сентнерӣ 85 сентнерӣ ҳосил рӯёнданд. Ҳоло дар хоҷагии фермерии ӯ 36 нафар коргарони доимӣ ба кор ҷалб шудаанд. Дар ҳар мавсим боз ҳудуди 20 нафар дар чидани пахта ба онҳо ёрӣ мерасонанд.

Маълум шуд, ки пахтаи коштаашон навъи «Намангон-77» буда, барои шароит ва обу ҳавои ин минтақа хеле мувофиқ аст. Гузаронидани корҳои агротехникиро сари вақт анҷом ва барои нашъунамои ниҳолҳои пахта низ сари вақт ғизоҳои маҳалливу маданӣ додаанд. Нарм кардани бехи ниҳолҳо низ тавассути воситаҳои техникии хоҷагии фермерӣ сурат гирифтааст. Барои ҳамин натиҷа мувофиқи мақсад анҷомидааст ва 41 сентнерӣ ҳосили пунба ба даст омадааст.

– Насиб бошад, аз баҳори соли нави 2025 боз ба меҳнати зарбдорона мепардозем. Зеро беҳуда нагуфтаанд, ки «Таги меҳнат роҳат аст». Мо ин маъниро хеле хуб дарк менамоем ва ҳам барои рушди иқтисодиёти мамлакат ҳисса мегузорем. Ҳам худамон дар фаровонӣ ба сар мебарему тӯйҳо барпо мекунем ва агар маблағ боқӣ монад, ягон намуди техника мехарем, то ки анҷоми корҳои саҳроӣ осонтар шавад, – мегӯяд ин ҳамсуҳбати мо.

Вилояти Фарғона ба ду минтақаи калон ҷудо мешавад. Минтақаи якум атрофу акнофи шаҳри Фарғона ва минтақаи дуюм дар байни мардуми маҳаллӣ «Зонаи Қӯқанд» унвон гирифтааст. Ба ин минтақа шаҳри Қӯқанд ва ноҳияҳои Бағдод, Бувайда, Учкӯприк, Ӯзбекистон, Данғара, Фурқат ва Бешариқ мансубанд. Хӯш, дар ин минтақа кайфияти мардум чӣ гуна бошад?

Ногуфта намонад, ки дар минтақа чандин корхонаи нави истеҳсолӣ арзи вуҷуд дошта, барои таъмини маишати мардуми зиёд ва беҳбуди зиндагии онҳо мусоидат менамоянд. Мо дар бораи ин корхонаҳо таҳти унвони «Ноҳияи Ӯзбекистон: дирӯз, имрӯз ва фардо» ба таври кофӣ таваққуф кардаем. Аммо хабар расид, ки дар арафаи соли нав мардуми маҳаллаи «Бегобод» соҳиби маҷмӯаи наве шудаанд ва маросими ифтитоҳи он ба таври тантанавӣ сурат гирифтааст.

Ин маҷмӯа дорои 250 ҷойи нишаст мебошад ва барои мардуме, ки дар дуртарин маҳаллаи ноҳияи Ӯзбекистон зиндагӣ мекунанд, туҳфаи гаронбаҳо мебошад. Маҷмӯа бо икдоми Сардорбек Маҳмудов ном устои моҳир бунёд ёфтааст. Сардорбек Маҳмудов бо аҳли оилааш аз тариқи бозсозӣ як бинои кӯҳнаро ба бинои наву замонавӣ табдил додааст. Корҳои бозсозӣ дар он ба ивази беш аз 600 миллион сӯм сурат гирифтааст.

– Хурсандии мардуми маҳаллаамро дида худро хушбахт ҳис мекунам. Дар гузашта касе ҷуръат намекард, ки ба ягон кори таҳти назар даст занад. Чанд нафар пеши роҳатро мегирифтанду дасту дилатро аз кор сард мекарданд. Аммо ҳоло замона дигар шуд. Сарвари давлат имкониятҳои зиёд фароҳам овардааст, ки мамлакат обод ва зиндагии мардум беҳтару фаровонтар шавад, – мегӯяд бо қаноатмандӣ Сардорбек Маҳмудов.

– «Бо ҳалво гуфтан даҳон ширин намешавад» мегӯяд мардуми мо. Дар соли нав табъи мардуми маҳаллаи «Бегобод» хеле болида гардид ва ин беҳуда нест. Онҳо минбаъд дар чаҳор фасли сол метавонанд тадбиру маросимҳояшонро дар ин бинои хубу хушсохт гузаронанд, ки пурра муҷаҳҳаз ва ҷавобгӯи давру замон мебошад, – иброз медорад ҳокими ноҳия Ш. Юлдошев.

Маълум шуд, ки дар ин авохир сатҳи зиндагии мардуми ноҳия мисли соири шаҳру ноҳияҳои дигари вилоят боло рафта, аъзои чандин оилаи камбизоат бо кор таъмин гардидаанд ва аз феҳраст хориҷ шудаанд.

**Мирасрор АҲРОРОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик».**
*Вилояти ФАРҒОНА.*

# ТАШАББУСИ РОҲБАРИ ДАВЛАТ ЧӢ НАТИҶА ДОД?

***Дар даҳсолаҳои охир иқлими сайёраи мо шадидан тағйир ёфта, зиндагии инсоният ва соири махлуқоти маскуни онро дучори мушкилоти зиёде сохт.***
***Яке аз мушкилиҳое, ки имрӯз ҷомеаи мо дар ҳалли он азм кардаанд, норасоии оби ошомиданӣ ва обёрист, ки ба сабаби тағйир ёфтани иқлим ба миён омада, аз паёмадҳои бади ин фоҷеаи табиӣ аст. Олами сабз (ҷангалзорони анбӯҳ) масрафи нафси саркаши инсоният шуда, бинобар буриданҳои пайваста бағоят ихтисор шудааст. Дар натиҷа иқлим дар сайёраи мо ба таври бесобиқа тағйир ёфта, имрӯз ба сари инсоният ташвишҳои зиёде меоварад.***

Чандин сол муқаддам Созмони Милали Муттаҳид ва дигар созмонҳои бонуфуз аҳли ҷаҳонро аз ин мушкилӣ огоҳ сохта, даъват карда буданд, ки дар ихроҷи газҳои гулхонаӣ чораҳои муассире биандешанд, то вазъи экологӣ ба эътидол ояд. Гарм омадани тобистони сол камбудии оби ошомиданӣ ва обёришавандаро боз ҳам доғтар хоҳад кард. Зеро ба ваҷҳи тағйирот дар иқлими сайёраи мо боришот аз муқаррарӣ хеле кам шуда, об ба таври эҳсосшаванда коҳиш меёбад. Ҳар як фарди ҷомеа бояд дарк кунад, ки кам шудани боришот ва обшавию коҳиши пиряхҳои бағали кӯҳҳо, ки мушкилоти норасоии обро пеш хоҳанд овард, боиси сар задани боз як мушкилоти барои инсоният дардовар хоҳад шуд, ки ин камбудии ғизо аст.

Ба маҳзи сари вақт дарк намудан ва то ҳадди имкон ҷилавгирӣ кардани паёмадҳои фоҷиабори тағйирот дар иқлим Ҳукумати Ӯзбекистон бо роҳбарии Президент Шавкат Мирзиёев тарҳҳои муассире меандешад, ки чандин сол ба ин сӯ дар амал татбиқ мегарданд. Роҳбари давлатамон дар яке аз ҷамъомадҳои видеоселектории худ, ки ҳанӯз 29-уми ноябри соли 2023 ба вуқӯъ пайваста буд, ҳақбинона аз ин мушкилот ёд овардаву мардуми моро ба сарфаи об даъват кард ва роҳбарони кулли идораву ташкилот ва муассисаҳои дахлдори давлатиро вазифадор намуда буд, ки ба ҳаллу фасли он на аз паси панҷа, балки ҷиддӣ муносибат кунанд. Бо ташаббуси роҳбари давлат соли 2024 соли зарбдори сарфаи об ва бетонпӯш сохтани каналу соири иншооти обёрии хоҷагии халқи ҷумҳурӣ эълом гашт ва барои иҷрои ин тарҳи ҳаётан муҳим ва хеле зарур аз буҷаи ҳукумат маблағи зиёд низ равона гардид.

Бояд таъкид кард, ки солҳои охир шоҳраги асосии оби минтақа – рӯдхонаи Ому талаботи рӯзафзуни мардуми поёноби худро чун пештара таъмин карда наметавонад. Зеро дар тақсимоти оби қаламрав шарикони наве ба саҳнаи кору истифодаи об ворид гардиданд, ки мутаассифона, мушкилро жарфтар намуданд.

Бо тағйир ёфтани ҳукумат дар кишвари ҳамҷавори мо – Афғонистон масъалаҳои рушди хоҷагии деҳоти ин мамлакат низ мавзӯи доғ гардидаву кунун бо кумаки яке аз кишварҳои абарқудрати ҷаҳон – Чин қисмати эҳсосшавандаи оби дарёи Ому ба самти ин хок равона ва барои таъмини тақозои кишвари ҳамсоя масраф мегардад. Баҳси обу энергия давлати моро чун поёноб водор сохтааст, ки ҳар қатраи обро сарфа ва то домани киштзорони васеъ беталафот бирасонад. Қаблан каналу иншооти дигари обрасон ба таври дилхоҳ бетонпӯш нашуда буданд ва ин ба талафоти як қисми оби обёришаванда боис мегарданд. Заминҳои лабташнаи каналу ҷӯйборҳо як миқдори обро ҷабида, ин мояи ҳаётбахш то худи киштзорон кам ва бо талафоти зиёд мерасид. Ӯзбекистон пайгирона саъй дорад, ки ба кишвари мутараққии саноатӣ мубаддал гардад, аммо ҳаргиз соҳаи кишоварзӣ аз мадди назари ҳукумати он дар канор нест, зеро ин соҳа кафили асосии амнияти ғизо дар кишвар буда, ҳамеша боровар аст ва тараққии он аз вазоифи муҳим ҳисоб меёбад.

Пӯшида нест, ки барои ривоҷи соҳаи кишоварзӣ об нақши муҳим дорад ва ҳукумат ҳам мехоҳад, ки онро оқилона сарф кардаву ба нафъи халқу Ватан истифода кунад. Аз ин ҷост, ки дар соҳаи кишоварзӣ корбурди технологияҳои пешқадами обёрӣ, ки дар давлатҳои мутараққии ҷаҳон роиҷ ҳастанд, як амали ҳатмӣ гашта, аз аҳли заҳмати соҳа тағйири ҷаҳонбинӣ ва омӯзиши бештари илми пешрафтаи кишоварзиро тақозо менамояд. Усулҳои обёрии қатравӣ ва мисли борон об додани зироат намунаи беҳтарини сарфаи об аст ва ин таҷрибаи кишоварзони хориҷиро ҳоло деҳқонони ватанӣ низ фаровон истифода мебаранд.





Аммо, пеш аз ҳама, бетонпӯш намудани каналҳо ва иншооти дигари обрасонӣ аз вазоифи аввалиндараҷа аст. Мо дар мисоли вилояти Қашқадарё, ки аз минтақаҳои муҳими кишоварзии Ӯзбекистон ба шумор меравад, хоҳем дид, ки ташаббуси роҳбари давлат дар ин росто чӣ гуна татбиқ мегардад.

Соли 2024, ки соли зарбдори бетонпӯш намудани каналҳо ва таъмири дигар иншооти обрасонӣ ва обёрӣ эълом шуда буд, дар вилояти Қашқадарё корҳои шоёне иҷро гардиданд. Дар идомаи соли гузашта 34 иншооти ирригатсиониву мелиоративӣ аз нав таъмир ва як қисми онҳо бетонпӯш гардиданд, ки боиси беҳбудии вазъи обрасонӣ шуд. Барои иҷрои ин корҳо ҳукумат аз буҷаи худ 251,182 миллиард сӯм ҷудо кард.

Муродулло Аҳмедов, корманди Саридораи ҳавзаи сохтори ирригатсияи «Аму – Қашқадарё» гуфт, ки бинобар талаби қатъии роҳбарони вилоят ва саъю эҳтимоми бригадаҳои сохтмонии назди саридора то имрӯз 125,5 км каналҳо бетонпӯш, 70 км латокҳои обгузар ва 25,17 км ҷоҳу деренажҳо комилан аз таъмир бароварда шуданд.

– Дар натиҷа каналҳое, ки солҳои қаблӣ 65-70 дарсад нишондиҳандаи самарадорӣ доштанд, ҳоло ба 90 фоиз боло рафтаву боиси сарфаи оби зиёди обёришаванда мешаванд, – таъкид кард ӯ.

Айни ҳол дар ҳисоби идораҳои хоҷагии оби вилоят 256 канали магистралӣ ва дорои аҳамияти хоҷагиҳои маҳаллӣ мавҷуданд, ки дарозии умумии онҳо 2476 км мебошад. Соли гузашта 1502 км каналҳо бетонпӯш карда шуданд, ки ба таъмиру беҳдошт дар вазъи обрасонӣ бештар ниёз доштанд. Бояд таъкид кард, ки дар ҳисоби кластерҳои кишоварзӣ ва фермерҳои вилоят низ як қисмати иншооти обрасонӣ мавҷуд буда, дарозии умумии онҳо 20,4 ҳазор км арзёбӣ мегардад ва аз ин миқдор 6,12 ҳазор км латокҳои симонтии обгузар, 2,2 ҳазор км обраҳаи бетонпӯш, 864 км шабакаҳои обрасонии пӯшида ва 11,1 ҳазор км ҷӯйборҳои хокии кушод мебошанд.

Назар ба маълумоти Муродулло Аҳмедов барои таъмири 12 иншооти обрасониву обёрӣ аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ 34,6 миллиард сӯм равона гардида, дар асоси лоиҳаи махсус 642 км шабакаҳои обрасонии кушода ва 80 км шакли пӯшидаи онҳо (деренажҳо) аз такшинҳо тоза ва хидматрасониашон беҳтар шуданд. Ҳамчунин дар ҷоҳу корезҳои мелиоративию назоратӣ 381 дастгоҳи назоративию таймерӣ насб гардиданд, ки аз ин баъд назорати ҳолати иншооти обрасонӣ ва ҳаҷми кори онҳоро осон мегардонанд.

Маълум гардид, ки дар идомаи соли 2024 самадории кори каналу иншооти обрасониву обёрӣ дар ҳудуди вилоят хубтар шуданд, дар натиҷа ба ҳисоби миёна 250 млн. мукааб об сарфа ва барои истифодаи минбаъда захира гашт. Ин аз он далолат медиҳад, ки қаблан миллионҳо куб об талаф ва бидуни натиҷа масраф мегардидааст.

Соли 2025 ҳам Саридораи ҳавзаи сохтори ирригатсияи «Аму – Қашқадарё» корҳои тармиму беҳдошти канал ва соири иншооти обрасонӣ ва обёрии таҳти тасарруфи худро идома дода, ба истифодаи сарфакоронаи неъмати бебаҳои табиат – об мусоидат хоҳад кард. Арҷгузорӣ ва сарфакорона истифода бурдани кулли унсурҳои табиат боиси баракоти кори кишоварзон ва ба ин васила ободии рӯзгори мардуми меҳнаткаши мо хоҳанд шуд.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**



*Дар 597-то маҳфили мактабҳои бачагонаи «Баркамол авлод»-и вилояти Андиҷон, ки дар 7 самт бо 79 номгӯ фаъолият дорад, 26 855 нафар хонандагон ба машғулиятҳо ҷалб карда шудаанд. Ба хонандагон беш аз як ҳазор нафар омӯзгорон ва роҳбарони маҳфилҳо сабақ меомӯзанд.*

*Маҳфилҳо дар 195-то бинои худ, 332-то мактабҳои таълими ҳамагонӣ, 23-то маҳалла, 21-то ташкилотҳои таълими томактабӣ, 26-то мактабҳои ихтисосонидашудаи бачаҳои имконияти ҷисмониашон маҳдуд баргузор мегардад.*

*Дар худи мактаби «Баркамол авлод»-и вилоят дар чор самт 33 номгӯ маҳфил фаъолият дорад, ки 1700 нафар хонандагонро дар бар гирифтааст.*

***Дар сурат:*** *дар мактаби бачагонаи «Баркамол авлод»-и вилояти Андиҷон.*

***Суратгир: З. УМУРЗОҚОВ (ЎзА).***

# БОЗ ЯК ҚАДАМ СӮИ РУШДИ НАҚШИ ИНСТИТУТИ ОМБУДСМАН ДАР ӮЗБЕКИСТОНИ НАВ

(Аввалаш дар саҳ.1).

1. Дар ҳифзи ҳуқуқҳои инсон механизмҳои нав ҷорӣ гардидааст: бинобар қонун ба Омбудсман ваколатҳои ҳуқуқии санҷидани фаъолияти идораҳои давлатӣ, ҳокимиятҳои маҳаллӣ ва аз байн бурдани халалдоркунии ҳуқуқҳои инсон дода шудааст.

Ин ваколатҳо ба Омбудсман имкон медиҳад, ки шикояту муроҷиатҳои аз шаҳрвандон расидаро саривақт санҷад. Инчунин бинобар мақоми ҳуқуқии Омбудсман иҷрои қарору тавсияҳои он аз ҷониби мақомоти давлатӣ ҳатмист. Ҳангоми санҷиши халалдоршавии ҳуқуқҳои озодӣ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон мамнӯъ будани ошкоркунии маълумот, шахсияти муроҷиаткунанда ва шахсони дигар бе розигии онҳо чун меъёри нав шомил гаштааст. Бинобар моддаи 26-уми Қонун Омбудсман метавонад бо назардошти манфиатҳои шаҳрвандон бо ариза ва даъватҳо ба судҳо муроҷиат кунад.

2. Тартиби нави дида баромадани шикоятҳо ҷорӣ гардид.

Дар механизмҳо оиди шикояту муроҷиатҳо муносибатҳои нави байниҳамдигарӣ ҷорӣ шуд. Ин имкон медиҳад, ки Омбудсман фаъолияти худро бо шикоятҳо таъҷилӣ ва самаранок ба роҳ монад. Бобати бо қуттии муроҷиатҳо ба Омбудсман муроҷиат кардани аз озодӣ маҳрумшудагон меъёр ворид гардид. Бинобар он дар ҳар як сектори ҷои зисти муассисаҳои иҷрои ҷазо минтақаҳои саноатӣ, дар биноҳое, ки барои вохӯриҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддат пешбинӣ шудааст, дар ҷойҳои барои маҳбусон қулай қуттиҳои муроҷиат ба Омбудсман гузошта мешавад. Ин қуттӣ ҳар моҳ камаш як бор аз ҷониби кормандони Омбудсман ва ё Девони он кушода мешавад, инчунин барои ба муассисаҳои иҷрои ҷазо барои қабул карда гирифтани муроҷиатҳо бемонеа даромадани онҳо қонуни нав кафолат медиҳад.

3. Мустақилии Омбудсман таъмин гардид. Қонун мустақилии Омбудсманро боз ҳам мустаҳкамтар намуд. Ба фаъолияти он ба даххолати идораҳои давлатӣ, ё ки шахсони амалдор роҳ дода намешавад.

Ин дар навбати худ имконият медиҳад, ки Омбудсман фаъолияти худро оиди ҳуқуқҳои инсон мустақилона роҳандозӣ кунад. Дар моддаи 28-уми Қонун намудҳои чораҳои таъсиррасонии Омбудсман акси худро ёфтааст: огоҳонидан, тақдимнома, илтимоснома ва талабнома аз ҷумлаи ин чорабиниҳост.

Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои вакили минтақавии Омбудсман ин ҷо амиқ ва равшан муайян гардидааст. Бо мақсади кумакрасонӣ ба фаъолияти Омбудсман бобати пешгирӣ кардани таҳқиркунии инсон аз қабили муомилаи берaҳмона, ҷазои бешафқатона, маҳдудсозии қадру қимати инсон ва ғайра мувофиқи меъёри нав (Омбудсман) метавонад гурӯҳҳои ҷамоатӣ ташкил кунад.

4. Ҳамкорӣ бо идораҳои давлатӣ оиди ҳуқуқҳои инсон боз ҳам мустаҳкамтар шудааст. Қонуни нав мустаҳкамтар шудани алоқаҳои Омбудсманро бо идораҳои давлатӣ дастгирӣ мекунад.

Мақсад он аст, ки Омбудсман баробари такмил додани механизмҳои маълумотивазкунӣ, муносибатҳои байниҳамдигарӣ бояд ба органҳои дигар дасти ёрӣ дароз кунад.

5. Кор бо ҷамоат вусъат меёбад. Фаъолияти Омбудсман бо ҷамоат ва мақоми тарғиботии вай оиди ҳуқуқҳои инсон хеле рушд ёфт, яъне Омбудсман ба афзун гардондани саводнокӣ ва маданияти ҳуқуқии аъзоёни ҷамъият беш аз пеш эътибор медиҳад. Омбудсман якҷоя бо институтҳои ҷамъияти шаҳрвандӣ тадбир, машварат, гуфтушунидҳо гузаронида, инчунин бо онҳо шартномаҳо таҳия карда метавонад.

Қабул гардидани Қонуни нав бобати ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар Ӯзбекистон ба марҳилаи нав ибтидо мебахшад. Вазифаю ваколатҳои Омбудсман васеътар гардида, дар ҷамъият самаранокии механизмҳои кумакрасонӣ оиди ҳифзи ҳуқуқҳои инсон меафзояд. Ин дигаргуниҳо натиҷаи назари устуворона ва эътибори қавӣ ба таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои инсон дар Ӯзбекистон аст.

**Абера ҲУСЕЙНОВА,**
**доктори илмҳои фалсафа, профессор,**
**вакили минтақавии Омбудсман**
**дар вилояти Бухоро.**

# ЗИННУРА ДАР ОЗМУНИ НОТИҚИИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ ПИРӮЗ ГАРДИД

***Донишомӯзи синфи чоруми мактаби ибтидоии «Volgok»-и шаҳри Кванҷуи Кореяи Ҷанубӣ, ҳамватани мо Зиннура Каримова дар 12-умин озмуни миллии дузабонаи нотиқӣ, ки дар шаҳри Сеул баргузор шуд, соҳиби ҷоизаи олӣ гардид.***

Зиннура барои ноил шудан ба ин комёбӣ аз як қатор санҷишҳо гузашт. Нахуст дар зинаи дувуми озмун, ки дар мактаби «Volgok» доир гардид, медали тилло ва баъд дар зинаи минтақавӣ, ки аз ҷониби департаменти таълими шаҳри Кванҷу ташкил шуд, медали нуқра ба даст овард. Бо ишғоли ҷойи дувум дар зинаи минтақавӣ имкони иштирокро дар марҳилаи ҷумҳурӣ пайдо кард.

Зиннура дар рафти омодагӣ ҳар рӯз тӯли соатҳо бо забонҳои ӯзбекӣ ва кореягӣ нотиқиро машқ мекард. Ин на танҳо дониши вайро дар бораи забонҳо такмил дод, балки барои дар саҳна дилпурона баромад кардан ёрӣ расонд. Зиннура ҳикояи худро дар мавзӯи «Саёҳати пурмазмун ба Ёсу» бо ду забон – ӯзбекӣ ва кореягӣ нақл карда, сазовори эътирофи ҳайати доварон гардид.

Дар озмун 52 нафар донишомӯзон, ки мансуби фарҳангҳои гуногун буданд, иштирок намуда, онҳо ҳикояҳои худро ба 16 забон пешкаш карданд. Баромади эҷодии Зиннураи даҳсола бо ду забон ва ҳунарнамоии пурмазмуни дигар довталабон аҳамияти байналмилалии озмунро афзунтар намуд.

Қобили зикр аст, ки соли 2023 хоҳарбузурги Зиннура Лазиза Каримова низ дар ин озмун бомуваффақият иштирок карда, мақоми дуюмро ба даст оварда буд. Лазиза дар суханронии худ нияташро бобати ривоҷдиҳии бахшҳои менеҷменти байналмилалӣ ва тарҷума изҳор намуда, аҳамияти коммуникатсияро дар миқёси ҷаҳонӣ таъкид карда буд. Комёбии вай на танҳо дастоварди шахсӣ, балки молики аҳамияти таърихӣ буда, вай ҳамчун нахустин духтари ӯзбек, ки дар ин озмун ба забони ӯзбекӣ баромад кардааст, эътироф гардида буд.

Пирӯзии Зиннура ва Лазиза Каримоваҳо ҳамчун яке аз аввалин пирӯзиҳои бузург дар таърихи шаҳри Кванҷу ва музофоти Чолланамдо қайд карда шуд. Онҳо бо муваффақияти худ дар забонҳои ӯзбекӣ ва кореягӣ на танҳо номи худ, балки фарҳанги халқи ӯзбекро дар арсаи байналмилалӣ муаррифӣ карданд.

Дастовардҳои апаву хоҳари ӯзбекистонӣ дар аксар саҳифаҳои интернетӣ ва шабакаҳои иҷтимоии Корея ба таври васеъ инъикос карда шуданд.

**АИ «Дунё».**
*СЕУЛ.*



# МАДАНИЯТИ ВАТАНДОРӢ МЕБОЯД!

***Тараққиёти илму техника ва дар пайи он мунтазам рушд кардани сатҳи иқтисодиёти ҷаҳон дар сад соли охир боис гардиданд, ки муҳити зист дар рӯи Замин шадидан халал ёбад. Аз ин сабаб иқлими сайёраи мо ба таври эҳсосшаванда тағйир меёбад ва ба сари инсоният мушкилоти нав ба наверо бор мекунад. Бинобар номусоидӣ дар баъзе гӯшаҳои замин зиндагии башар дучори як қатор мушкилот шудааст, ки ҷойи таассуф ва нигароniҳост.***

Масалан, аҳолие, ки дар атофи баҳри Арал умр бар сар мебарад, даҳсолаҳо ин ҷониб аз мушкилоти марбут ба муҳити зист азоб мекашад, ки дар пайи фоҷиаи хушк шудани баҳр зуҳур кардаанд. Арал, ки замоне ҳамеша дар хидмати одамон қарор дошт ва ғолибан ба мувозинати иқлими минтақа мусоидат менамуд, сол аз сол рӯ ба нобудӣ меорад ва ҳамин тавозуни азалан пойбарҷо кунун халалдор мегардад. Пӯшида нест, ки маҳз таъмини хостаҳои нафси саркаши инсоният ин баҳри замоне хурӯшон ва ризқрасони одамонро ба вартаи ҳалокат кашидааст. Аз паёмадҳои аламангези ин фоҷиаи табиӣ аҳли олам хуб огоҳанд. Ҳарчанд барномаҳои барқарор сохтани баҳри Арал ва ҳифзи муҳити зист дар атрофи он амал мекунанд ва дар сатҳи баланди ҳукумат тарҳҳои хубе ҳам роҳандозӣ гаштаанд, боз ҳам ин кӯшишҳо хеле ночиз ба назар мерасанд ва дар гумон аст, ки Арал дубора шукӯҳи қадимаи худро ба даст оварад. Ин барои инсоният бояд дарси ибрат гардад, то ҳар қадами худро дар дахолат ба низоми кори табиат дониста монад.

Новобаста ба чандин мушкилот, ки давлати соҳибистиқлоли мо дар ҳалли онҳо мардонавор дасту панҷа нарм месозад, ҳукумати кишвар солҳои охир дар ҳифзи табиат ва муҳити зисти қаламрави худ чораҳои муассире меандешад ва ин амалро дар феҳрасти дурнамои фаъолияти хеш ҷой додааст. Чандин сол аст, ки барномаи умумимиллии «Макони сабз» амал карда, ҷамъияти бештар аз 37 миллионии моро ба самти як кори мутлақ хайр – кабудизоркунии Ватан раҳнамун месозад. Ғараз аз ин корҳо гирифтани пеши роҳи ба биёбон мубаддал гаштани заминҳо, кам кардани асорати газҳои гулхонаӣ ба муҳити зист, аз таъсири бади гармселҳои гаҳу ногаҳ ҳифз намудани майдонҳои кишт ва заҳмати кишоварзон, шукуфоию сарсабзии Меҳани азиз ва дар пай ҷалби ҳарчи бештари шумори зиёди сайёҳони хориҷӣ аст. Мардуми мо дар ин самт бурдборона заҳмат мекашанд ва ташаббуси раҳбари давлатро дар кабудизоркунии Ватан ҷонибдорӣ ва аз таҳти дил дар амал татбиқ месозанд.

Ин корҳо барои мардуми мо як амали нав нест. Балки аҷдоди хирадмандамон аз қадим дар ободии макони зисти худ миён маҳкам мебастанд ва арзи ҳастӣ намудани зарбулмасалҳое ба монанди «Аз нек – боғ, аз бад – доғ», «Онҳо шинонданд, мо хӯрдем, мо мешинонем, то ки дигарон хӯранд!» ва даҳҳои дигар ба он ишорат мекунанд, ки ниёкони мо дар ободкориҳо дасте баланд доштаанд. Имрӯз мардуми шарафманди кишварамон аз пайи аҷдоди некноми худ гом бардоштаву анъанаҳои мондагори онҳоро бо камоли майл идома медиҳанд.

Аз ҷумла, ташаббусҳои раҳбари давлати мо дар вилояти Қашқадарё низ ҳамовозии густурда пайдо карда, аз ҷониби мардуми меҳнаткаши он истиқболи гарме ёфтааст. Дар чандин соли амалкарди барномаи умумимиллии «Макони сабз» миллионҳо бех дарахтони боровару манзаравӣ ва гулу буттаҳои ороишӣ шинонида шуданд. Назар ба маълумоти Саридораи ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлими вилоят, соли равон танҳо дар мавсими баҳории татбиқи барномаи мазкур 11 млн. 124 ҳазор бех ниҳоли дарахтони мевадиҳанда ва манзаравию ороишӣ шинонда шуданд. Дар мавсими тирамоҳӣ дар нақша гирифта шуда буд, то 6 млн. 540 ҳазор бех ниҳол шинонида шаванд, аммо ҳокими вилоят дар ин авохир аз ҷамоаи коргоҳҳо ва аҳолии минтақа даъват кард, ки зиёдтар аз 10 миллион ниҳол шинонидаву дар сабзу хуррам кардани гӯшаҳои шаҳру навоҳии вилоят ҳисса гузоранд. Набояд фаромӯш сохт, ки миллионҳо бех ниҳол шинонидан ҳанӯз маънои онро надорад, ки кишварамон аз мушкилиҳои муҳитизистӣ комилан раҳо меёбад. Ин қадами нахуст буда, сабзу борвар кардан ва ба насли оянда беосеб вогузоштани онҳо боз ҳам заҳмат ва сабри фурӯзонеро тақозо мекунад. Ба як ҳисоб, ин амал бояд ба дурнамои фаъолияти мардуми кишвар табдил ёбад.

Назар ба маълумоти Саридораи ҳифзи муҳити зист ва тағйироти иқлими вилоят дар минтақа 23 майдони партовгоҳ мавҷуд аст, ки теъдоде аз онҳо дар атрофи шаҳри Қаршӣ ҷой гиифта ва сад сол ба ин сӯ мавриди истифода қарор меёбанд. Азбаски имрӯз шаҳр ба таври бесобиқа рушд кардаву ҳудуди аҳолинишин ба партовгоҳ наздик омадааст, тааффуни бадаш мардумро нороҳат сохтааст. Карима Ёдгорова, сухангӯи дафтари матбуотии Саридораи ҳифзи муҳити зист ва тағйирёбии иқлими вилоят гуфт, фаъолияти чандин партовгоҳ, ки боиси мушкилоти муҳити зистӣ мегарданд, боздошта шуда, чораҳои хокпӯш кардани онҳо андешида мешаванд. Партовгоҳи шаҳри Қаршӣ бо қабати баланди хок пӯшонда мешавад ва минбаъд ба ҷойи он боғ бунёд хоҳад гашт.

Аммо бояд таъкид кард, ки ҳифзи муҳити зист бо ниҳол шинонидан, бунёди боғҳо... маҳдуд намегардад. Ин мафҳуми васеъро соҳиб буда, аз ҳар амали мо маншаъ мегирад. Об, хок, ҳаво, дунёи рустаниҳо, олами ҳайвонот, ки моро иҳота кардаанд, ба ҳимоят ниёзманданд, на ба бераҳмона нобуд сохтан. Танҳо дар мисоли ифлос карда шудани ҳаво, ки мо худ нафас мекашем, метавон дид, ки амали мазкур даҳҳо паёмади маргборро дар дунбол дорад. Ёдовар мешавем, ки даҳсолаҳои охир ба ҳаво бештар газҳои гулхонаӣ раҳо шуданд ва аз ин қабати азонии атмосфера – ҳимоятгари Замин аз нурҳои ултрабунафши



Офтоб сахт осеб дид. Мутахассисони соҳа гармоҳои шадиду сардиҳои аномалиро, ки мо худ шоҳидаш мешавем, маҳз натиҷаи ҳамин партоби бебаркаши газҳои гулхонаӣ медонанд. Ин аст, ки иқлими рӯйи Замин шадидан тағйир ёфта, инсоният бо мушкилоти боз ҳам сахт – норасоии оби ошомиданӣ ва обёришаванда дучор омадааст. Камчин гардидани об ба камбуди ғизо сабаб мегардад. Ин маънии эҳтимоли сар заданi гуруснагиҳои фоҷиаангезро дорад. Осеб дидани як рукни табиат метавонад боиси фалокат ва фоҷеаҳои гӯшношунид гарданд. Аммо ин дар ҳолест, ки мардуми мо ҳамеша ба ифсос кардани муҳити зисти худ машғуланд ва ин корро гоҳ боақлона ва гоҳе бехабар аз фарҷоми амали худ иҷро мекунанд.

Ин хок, ин Ватан, ки дар оғӯшаш қариб беғаму бедард зиндагӣ мекунем, ба меҳру муҳаббати мо ниёзи бештаре дорад. Дӯст доштани Ватан аз одитарин аъмоли мо оғоз меёбад. Бояд дарк кард, ки (ба мисол) раҳо кардани пасмондаи сигор, носи даҳон, ё пӯсти донаи офтобпараст... ба ҳар ҷое, ки рост омад, маънии туф кардан ба рӯи Ватан ва зиндагиро дорад. Ҳатто ҳар чизе, ки бидуни андешае ба рӯйи хок меафканем ва он боиси ифлосии муҳити зист мегардад, ҷурми мо аст ва ба пастии имонамон таъкид мекунад. Агар мо ба дарки ҳамин мафҳуми дар назар одӣ биравем, ҳаргиз диламон намешавад, ки муҳити зисти худро ифлос кунем. Мо – калонсолонро лозим аст, ки фарзандони худро дар ҳамин рӯҳия тарбият кунем. Тарбият ғолибан аз оғӯши оила оғоз гашта, дар боғчаю дабистонҳо идома ва истеҳком меёбад. Ин хел, тамаддуни ватандории мо ривоҷ ёфта, ба меҳри шӯълаваре мубаддал хоҳад гашт.

**Шариф ХАЛИЛ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Қашқадарё.**

*Дар нигористон*

## Биенналеи X байналхалқии бачагона

***Маросими ифтихоҳ ва ҷоизасупории Биенналеи X байналмилалии расмҳои бачагона дар Қасри фарҳанги байналхалқии Икуо Хираямаи Академияи бадеии Ӯзбекистон баргузор гардид.***

Қариб 3000 асари иштирокчиёни аз 5 то 15 солаи 24 кишвари ҷаҳон ба маърази тамошо гузошта шуд. Ҳадафи ин намоишгоҳ ҳавасмандгардонии эҷодкорӣ дар байни иштирокчиёни ҷавон, таҳкими дӯстии кӯдакон аз кишварҳои гуногун ва шиносоӣ бо санъати ҷаҳонӣ мебошад.

Ғолиби мутлақи биеннале Нигина Оқиловаи ӯзбекистонӣ соҳиби Гран-при гардид.

## «Абадияти як лаҳза»

***Дар хонаи фотосуратҳои Тошканд намоишгоҳи шахсии узви Иттифоқи рассомони Ӯзбекистон, дорандаи ордени «Дӯстлик» Валерий Енин таҳти унвони «Абадияти як лаҳза» давом дорад.***

Дар намоишгоҳ як қатор асарҳои рассом «Субҳи зимистон», «Тумани субҳ», «Шоми моҳтобӣ», «Шом», «Тирамоҳи барфин», «Дарахтони зери барф», «Абадият», «Тирамоҳи Чимён», «Хумсон» ва амсоли инҳо ҷой гирифтаанд.

Чуноне ки санъатшинос Камола Оқилова дар бораи эҷодиёти рассом таъкид мекунад: «Табиат ба ташаккули Енин ҳамчун рассомислоҳҳои худро дод. Сафарҳои атрофи Ӯзбекистон, ки табиаташ бо рангорангӣ, зебоӣ ва бошукуҳии худ фарқ мекунад, ӯро ба офаридани расмҳои зебо илҳом мебахшад. Образҳои табиат дар мусаввараҳои ӯ гоҳ бо азамати худ, гоҳ бо тафсирҳои самимӣ, гоҳе шоирона, баъзан боиси мулоҳизаҳои фалсафӣ мегардад».

**Ҳасан АБДУНАЗАРОВ.**

## БА ПРЕЗИДЕНТ ТАШАККУР!

***Боиси хушнудист, ки дар Самарқанд ба муносибати ҷашни Соли нав чорабиниҳои асосӣ барои шоду мамнун шудани тарбиятгирандагони хонаҳои меҳрубонӣ ва кӯдакони оилаҳои кормандони корҳои дохилӣ, ки волидонашон ҳангоми адои вазифа фавтидаанд, хеле хотирмон ба вуқӯъ пайваст.***

Даставвал, дар Театри драмаи мусиқии вилояти Самарқанд барои онҳо спектакли афсонавии «Шаҳраки шавқангез» намоиш дода шуд, ки қариб 600 нафар писаракону духтаракон бо завқу шавқ тамошо карданд.

Сипас, дар тарабхона чорабинии «Арчаи Президент» идома ёфт.

Иҷрокунандаи вазифаи ҳокими вилояти Самарқанд ҳозиронро бо Соли нав табрик гуфта, бо кумаки Бобои барфӣ ва Барфак тӯҳфаҳои Президентро ба бачаҳо супурд. Онҳо на танҳо ширинӣ ва лавозимоти мактабӣ, инчунин самокатҳоро гирифта, бо як овоз «Ташаккур ба Президентамон!» гуфтанд.

**Зоҳир ҲАСАНЗОДА.**
*Вилояти САМАРҚАНД.*



*Дар мактаби таълими умумии рақами 27-уми ноҳияи Хонқаи вилояти Хоразм ба омӯхтани забони хориҷӣ ва касбу ҳунари хонандагон эътибори алоҳида дода мешавад.*

*Ба ин мақсад аз ҳисоби маблағҳои буҷаи маҳаллӣ бинои иловагӣ ба истифода супурда шуд.*

*Дар ин бино фаъолияти маҳфилҳои дӯзандагӣ, дуредгарӣ, соҳаи IT ва забонҳои хориҷӣ ба роҳ монда шудааст. Инчунин, китобхонаи муҷаҳҳази замонавӣ ва хонаҳои мутолиа ба ихтиёри ҷавонон супорида шудааст.*

***Дар сурат:** дар мактаби рақами 27-уми ноҳияи Хонқаи вилояти Хоразм.*

***Суратгир: Б. САИДОВ (ЎзА).***

*Зикри хайр*

## НОМИ НЕКАТ ҲАМЕША ДАР ДИЛҲОСТ

Инсони хоксор, нурбахши маърифат, муаллими ғамхору меҳрубон, марди шарифу зиндадил, ки бо салобати худ дилҳоро пурсурур менамуд, дигар бо мо нест.

... Албатта, «мо аз Ӯем ва ба Ӯ бозмегардем».

Одам саҳаргоҳ аз хоби ноз бедор гашта, даставвал ба самои нилгун чашм дӯхта, Офтоби оламтобро мебинад. Оре! Ҳамон Офтобе, ки нураш ба ҷумлаи одаму наботот ҳарорату ҳаловат мебахшад.

Талъати баъзе инсонҳои ситорагарму дилнишинро ба ин ахтари дурахшон монанд мекунанд ва дар ин ташбеҳ ҳақиқате низ маҳфуз аст.

Агар Хуршед оламро мунаввар созад, пас чеҳраи офтобии одамон дилро равшан, табъро болида мегардонад.

Ба ин гуна инсонҳо ҳамдам будан ва аз муҳаббати онон баҳра бурдан касро фараҳ меафзояд. Беҳуда нест, ки шоир фармудааст:

*Одам ба одам зинда аст,*
*Мегуфт модар ҳар замон.*
*Ман зинда бошам бо Шумо,*
*Эй одамон, эй одамон.*

Ҳамаи ин сифатҳо дар ҳаққи шахсест, ки умри худро дар роҳи маърифати мардум сарф кардааст. Ин Ҳофиз Муҳаммадиев мебошад, ки моҳи июни соли 1989 дар ноҳияи Олтинсой, деҳаи Янгиобод таваллуд ёфта, мактаби миёнаро дар зодгоҳи худ хатм намуд ва соли 2010 ба Донишгоҳи давлатии Тирмиз дохил шуда, соли 2014 бахши филологияи тоҷикро хатм намуд.

Фаъолияти меҳнатиашро аз соли 2014 дар мактаби рақами 53-юми ноҳияи Олтинсой ҳамчун муаллими забон ва адабиёти тоҷик шурӯъ карда, дар соли 2016 бо дархости омӯзгорони мактаб ба вазифаи директорӣ таъин шуд. Соли 2023 бо таклифи мудири шуъбаи маорифи ноҳия фаъолияти кории худро дар мактаби рақами 9-уми ноҳия ҳамчун директори мактаб идома дод. Падараш Ҳаким одами бағоят хушмуомила ва мардумдӯст буд. Бобояш – Ҳамро Муҳаммадиев низ ҳамон «ҷавонмарди фангатӣ» аст, ки замоне як зумра нохалафон бо зимомдорони давр забон як карда, мактабҳои тоҷикиро пӯшонидан хостанд, шуҷоъаткорона мубориза бурда, нагузошт, ки мактабҳои тоҷикӣ пӯшонида шавад. Ин марди шарифро ҳама ба хубӣ мешинохтанд. Вай бо тамоми олимону шоирону зиёиён алоқаи дӯстӣ дошт. Ҳофиз ҳам ҳамчун пайрави бобояш марди шуҷоъу далер, сухандону суханвар ва кушодарӯю хушрафтор буд.

Аз рӯзҳои аввалини фаъолияти корияш дар байни ҳамкорон обрӯю эътибори хосе пайдо кард. Ин, албатта, аз самимияту кордонии ӯ далолат мекард. Сатҳи интизоми меҳнат ва дониши хонандагон боло рафт. Дастовардҳои умумии мактаб дар соҳаи илму варзиш зиёд шуд. Чӣ илоҷ, марги нобаҳангом ӯро аз байни мо рабуда бошад ҳам, ёди ӯ дар дилу дидагони наздикону пайвандон ва ҳамкоронаш боқӣ мондааст. Риштаи ҳаёти муаллим охири соли гузашта канда шуд, вале номи неки ӯ дар дилу ёди мардуми бофарҳанги ин диёр зинда аст.

**Фарида ШОЙМАРДОНОВА,**
**омӯзгори мактаби**
**рақами 53-юми**
**ноҳияи Олтинсойи**
**вилояти Сурхондарё.**

## ШЕЪРИ САФЕД

*Пажӯҳиш*

Дар адабиёти форсӣ шеъри сафед шеърест, ки бидуни вазн аст ва тафовути аслии он аз он чӣ «нимоӣ» номидаанд, дар ҳамин аст. Аммо дар адабиёти рус «белый стих» шеъреро мегӯянд, ки вазни муайяне дорад, вале қофия надорад ва он чӣ бештар ба шеъри сафеди форсӣ мутобиқат мекунад, дар адабиёти рус «волный стих» (шеъри озод) номида мешавад, ки қофия дорад, вале вазн надорад. Дар шеъри сафед ҳам қофия ба кор бурда мешавад, аммо ҳатмӣ дониста намешавад. Барои он ки мо дар манзури худ аз «шеъри сафед» иштибоҳ накунем ва назири онро дар ҳама адабиётҳои дигар бишиносем, бояд мафҳуми «шеъри бевазн»-ро дар зеҳн дошта бошем. Бе вазн, аммо ҳатман бо лаҳну ритми муайян ва дигар унсурҳои оҳангсоз, ки онро аз наср ва ҳатто «шеъри мансур» тафовут медиҳад. Гунаи шеъри сафед дар назми тоҷик пеш аз он, ки ин мавзӯъ дар Эрон бар сари забонҳо афтад ва баҳсҳои пурҷӯше атрофи он сурат бигирад, ба майдон омада буд. Баъзе аз намунаҳои назми Абулқосим Лоҳутӣ, хусусан тарҷумаи ӯ аз достони А.С.Пушкин «Моҳигир ва моҳии тило» (агарчи то кунун ба «вазни ҳиҷо» муаррифӣ шудааст) ва шуморе аз тарҷумаҳои дигари ӯ, аз ҷумла осори Шекспир, дар қолаби шеъри сафед сурат гирифтааст. Зимнан, қобили ёдоварист, ки яке аз омилҳои аслии зуҳур ва ривоҷи «шеъри сафед» дар адабиёти Эрон ва дигар адабиётҳои ҷаҳон ба эҳтимоли ғолиб тарҷума аст. Зеро ба ҷуз дар Русия ва Шуравии собиқ ва шумори маҳдуде аз кишварҳо ва тарҷумонҳои алоҳида дар боқӣ кишварҳои дунё осори манзумро хориҷ аз қолаби назм (бидуни вазну қофия) тарҷума мекунанд ва матнҳое ҳосил мешавад, ки шабоҳати комил ба «шеъри сафед»-ро доранд.

Тавсифи «шеъри сафед» дар аксари адабиётҳо чанд нуктаи муштарак дорад:

1. Гунаҳое аз ин навъ шеър дар ҳар адабиёти миллӣ вуҷуд доштааст. (Албатта, на ҳамеша намунаҳои арзашуда бо шеъри сафед муносиб будаанд).

2. Ин навъи шеър мутлақ нест, яъне адабиётро аз анвои дигари шеър бениёз намекунад, балки як навъи нисбатан истисноии шеър аст ва мумтоз ҳам нест.

3. Дар ин навъи шеър ритми хоссе аз зарби каламоту иборот бояд ҷойгузини вазн гардад ва қофия ба муқтазои мазмун ба кор бурда шавад.

4. Маънӣ ва нукоти хоссе дар таркиби шеъри сафед бояд зеҳнро аз талаб ва ҷустуҷӯйи вазну қофия фориғ созад. Ба иборати дигар мазмуни хоссу барҷаста набуди вазну қофияро ҷуброн кунад.

Агар ҳамаи ин тавсифоти «шеъри сафед» дар назар гирифта шавад, ба ин натиҷа мерасем, ки бидуни он, ки мо даст ба иқдоме комилан нав ва ихтироъкорона зада бошем, танҳо бо сарфи назар кардан аз вазн ва қофия (он ҳам на ҳамеша) вазифаи сангинеро бар дӯш гирифтаем, зеро дар сартосари як шеър танҳо ҷаззобияти маънавии суханро василаи ҷалби зеҳни хонанда қарор додан, корест басо сангин ва наздик ба муҳол. Аммо агар шеъри сафеди мо сартосар бо онгуна ҷаззобияти маънавӣ ороста набошад, дар ҳоле ки на насри табиист ва на назм, хонандаро ба зудӣ хаста месозад ва дар табъ эҳсоси парешонӣ ба вуҷуд меояд. Манзури мо аз ин «ҷаззобияти маънавӣ» ҳамон чизест, ки шеършиносони қадим онро «маънии ғариб» мегуфтанд ва ба нудрат ба даст меомад. Мисли ин байти устод Рӯдакӣ:

*Бо сад ҳазор мардум танҳоӣ,*
*Бе сад ҳазор мардум танҳоӣ.*

Оғози шеъри сафед дар адабиёти форсӣ расман аз маҷмӯаи Аҳмади Шомлу «Ҳавои тоза» (1950) ба ҳисоб гирифта шудааст. Аҳмади Шомлу аз пайравони мактаби Нимо Юшиҷ буд ва Нимо ҳифзи арӯзро дар шеъри нав аз мабноҳои усулии назарияи худ эълон карда буд: «Ман ҳатто барои беназмӣ назме қоилам». Ва ӯ ба ин иқдоми Аҳмади Шомлу, дар ҳоле ки ҳанӯз баҳсҳо сари шеъри нави нимоӣ идома дошт, шадидан мухолиф буд. Аммо шеъри сафед бо навиштаҳои Шомлу маҳдуд боқӣ намонд ва дигар шоирони маъруфи он даврон низ шеъри сафедро таҷриба карданд. Аз ҷумла Фурӯғи Фаррухзод:

*Дилам гирифтааст,*
*Дилам гирифтааст.*
*Ба айвон меравам ва ангуштонамро*
*бар пӯсти кашидаи шаб мекашам.*
*Чароғҳои робита ториканд,*
*Чароғҳои робита ториканд.*
*Касе маро ба офтоб муаррифӣ*
*нахоҳад кард,*
*Касе маро ба меҳмонии гунҷишкҳо*
*нахоҳад бурд.*
*Парвозро ба хотир биспор,*
*Паранда мурданист.*

«Ангушт кашидан ба пӯсти кашидаи шаб, торикии чароғи робита, муаррифӣ ба офтоб, меҳмонии гунҷишкҳо, ба хотир супурдани парвоз» ҳамагӣ нуктаҳои тааҷҷубангезанд ва, ба изофа, такрори баъзе ҷузъҳои шеър зеҳни моро дар иҳотаи комили худ қарор медиҳад ва фурсати зиёде барои эҳсоси набуди вазни маъмулӣ боқӣ намегузорад.

Ин шеър дар зоҳир ба маҷмӯаи рамзҳо шабоҳат дорад ва барои касоне, ки ба фазои ҳиссиву маънавии шеъри Фурӯғ унсу ошноӣ доранд, ин рамзҳо шарҳу басте доранд ва мазмунҳоеро бозгӯ менамоянд, дар ғайри ин ҳол ба назар чун ангорае (тарҳе) ба назар мерасанд, ки шоир барои навиштани шеъре муҳимтарин нукоти онро пароканда рӯйи сафҳа оварда, ҳанӯз нусхаи комил ва пайваставу мураттаби онро эҷод накардааст.

Мо ин гуна эъҷобангезии калом, баёни аксаран мустаор ва рамзгунаро дар шеъри Суҳроби Сипеҳрӣ беш аз ҳар шоири дигар, аз ҷумла сапедсароён мебинем, бештар дар қолаби арӯз. Аммо ашъори сапеди худи Суҳробро ҳаргиз ҳамсанги ашъори нимоии ӯ намеёбем, чун мусиқии мумтози шеъри Суҳроб рӯҳи фарогири тахайюли рангини шоиронаи ӯст. Ағлаб дар шеъри сапеди ӯ, чун наққошиҳои нотамомаш, як ангораи пароканда (эскиз)-ро мушоҳида мекунему бас:

*Меҳроб*
*Тиҳӣ буду насиме.*
*Сиёҳӣ буду ситорае.*
*Ҳастӣ буду замзамае.*
*Лаб буду ниёише.*
*«Ман» буду «ту»-е.*

Аммо ҳақиқат ин аст, ки ин шоирони тавоно шеъри сапедро ба такаллуф ва тақаллуб нагуфтаанд, балки хостаанд бо матлаб, ҳадаф, ғоя бо камоли садоқат ва бетакаллуфӣ рафтор намоянд. Масъала ин аст, ки ҳар матлабе, ки дар вуҷуди шоир арзи ҳастӣ менамояд, то ҳадде сурати худро ҳамроҳ дорад ва беҳтарин матлаби илҳомшуда он аст, ки сурати зеҳнии он бо сурати хориҷиаш, ки бар забон ва мунтаҳо рӯйи сафҳа меояд яке бошад ё бисёр наздик. Шеъри сапеди муваффақ бо табиият ва самимияти баён, бо ҷанбаҳои шигифтангезе, ки аз нафси воқеияти мавриди тасвир бармехезад, бо лаҳни худ, зарби муносиби калимаҳо, вазни андешаҳо, мавҷи густардаи эҳсосот воқеан моро аз пурсуҷӯ дар шаклу қолаби хориҷии шеър фориғ ва комилан ба худ маҷзуб месозад. Чунин намунаҳои шеъри сапеди муваффақ, хеле зиёд ҳам набошад, ҳастанд:

*Даҳонатро мебӯянд, мабодо гуфта*
*бошӣ дӯстат дорам,*
*Дилатро мебӯянд, мабодо шуълае*
*дар он ниҳон бошад.*
*Рӯзгори ғарибест, нозанин.*
*Ва ишқро канори тираки роҳванд*
*тозиёна мезананд,*
*Ишқро дар пастуи хона ниҳон*
*бояд кард,*
*Шавқро дар пастуи хона ниҳон*
*бояд кард.*
*Рӯзгори ғарибест, нозанин.*
*Ва дар ин бунбасти каҷу печи сармо*
*Оташро ба сӯхтбори суруду шеър*
*фурӯзон медоранд.*
*Ба андешидан хатар макун.*
*Рӯзгори ғарибест, нозанин...*

**(Аҳмади Шомлу)**

Зимнан, сухани адабиётшинос ва шоири Афғонистон Моили Ҳиравӣ дар «Симпозиуми ҷаҳонии шеъри форсӣ» ба ёд меояд, ки гуфта буд:

«Дар шеъри муосир вазнҳои гуногуне, ки боз ҳам метавон чеҳраи шустаи онҳоро дар оинаи қаднамои арӯз дид, дар қитаъоти ашъори дилҷӯ таҷаллӣ мекунад, ки шеърро мусиқӣ ва оҳанги дилписанд мебахшад ва пардаи ҷонро навозиш медиҳад».

Агарчи ин шеъри Шомлу аз навъи сапед аст, фазои лаҳнӣ ва оҳангии он бо шеъри «Зимистон»-и Меҳдии Ахавони Солис, ки ҳамчунин шеъри иҷтимоист, вале арӯзӣ ва нимоӣ ва муҳтавояш наздик ба ин шеър аст, бисёр мушобиҳат дорад:

*Саломатро намехоҳанд посух гуфт,*
*Сарҳо дар гиребон аст.*

Касе сар барнаёрад кард посух гуфтану дидори ёронро.

*Нигаҳ ҷуз пеши поро дид натвонад,*
*Ки раҳ торику лағжон аст*
*В-агар дасти муҳаббат сӯйи кас ёзӣ,*
*Ба икроҳ оварад даст аз бағал*
*берун,*
*Ки сармо сахт сӯзон аст...*

(Давомаш дар саҳ.4).




## АНДЕШАҲО ДАР ТАНҲОӢ

Замона дигар шуд, мегӯянд аксар мардум. Замона аз ин пеш чӣ хел буд? Хуршеду моҳу ахтарон ва фаслҳои сол бе хиёнат вазифаҳои худро иҷро мекунанд. Фақат баъзан, мо инсонҳо аз нодонӣ, кӯтоҳандешӣ, нафс ва тамаъгарӣ ба замона хиёнат мекунем.

***

Пиру барно, оқилу ҷоҳил, бою гадо ҳама аз Азозил – шайтон ҳазар мекунанд. Ҳазор афсӯс, ҳангоми муфтхӯрӣ, ришвагирӣ, зино, ҳасаду бадбинӣ пайхас намекунанд, ки худ ҳамтабақу бародари шайтонанд.

***

Барои модар фарзанди бад нест. Ҳамаи ҷигарбандонашро баробар парасторӣ ва навозиш мекунад. Модар-Замин ҳам, дар ҳаққи фарзандони шири хомхӯрдааш ғамхорӣ менамояд.

Хатоҳои дониставу надониста кардаашонро мебахшад. Бо меҳрбонӣ – хоҳ неку хоҳ бад бошад, ҳамаро ба оғӯш мегирад. Баъзан аз ноаҳлии фарзандон қалбаш месӯзад. Сӯзи дили ӯ вулқонҳост, оби дидагонаш обхезиҳо...

**Комил ҶӮРАЗОДА.**
*САМАРҚАНД.*

*Шеъри зулол*

## БИГЗОР, ДАР ҚАЛБАТ РӮЯМ

*Рӯзе меояд туро бо ман,*
*монанди ошиқони маъруфи ҷаҳон,*
*аз ёдҳошон мардуми дунё намемонанд, азизи ман!*
*Такрор мегӯянд ба якдигар зи мо афсонаҳои нав ба нав, гӯё*
*таркида дар поён зи дурият дили хунину маризи ман!*
*Оре, ту бо ман мешавӣ то ҷовидон,*
*дар ин ҷаҳону он ҷаҳон бо ман!*

*Ишқам, ту мерақсӣ фақат дар ёд,*
*ҳам хотиротат мекунад ин синаро ором,*
*Баҳри расидан ба ту меравам дар беохир,*
*Бигӯ, бо ман куҷоӣ мисли дури нопайдо?*
*Модоме моро ба ҳам пайваста, чун оҳанрабо тақдир,*
*моро расидаст аз фалакҳову малак пайғом,*
*бо ҳам тамоми умр будан шод!*

*Нозанинам, рост мегӯям,*
*моро нахоҳанд кард берун аз хаёли хеш,*
*Дар ҳуши одамҳо чунон зебо бимонему пас аз мо низ*
*дунё ба хотир орад ин лаҳзаҳоро бо шавқу андӯҳи расо!*
*Мехостам, оӣ, наяндешӣ фақат дурӣ зи ман ҳаргиз!*
*Кам одамонро хонам аз ҷонам беш!*
*Бигзор, дар қалбат даме рӯям!*

**Шаҳзод КЕНҶАЗОДА.**
*САМАРҚАНД.*

# УСТОД АЙНӢ САРПАРАСТИ АДИБОНИ ДУ ХАЛҚ БУД

Халқҳои тоҷику ӯзбек адабиёт, санъат ва фарҳанги муштарак доранд. Ин муштаракот решаҳои қадимаи таърихӣ дошта, бо дӯстиву бародарӣ, устоду шогирдии Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва Алишер Навоӣ таҳким ёфт. Алишер Навоӣ Ҷомиро ҳамчун пир ва устоди худ пазируфта, зери роҳбарии вай ба тариқати нақшбандия ворид мешавад ва то охири умр дар ақидаи худ содиқ мемонад.

Дар нимаи аввали садаи XX Устод Садриддин Айнӣ ҳамчун идомадиҳандаи анъанаҳои неки робитаҳои адабии халқҳои тоҷику ӯзбек хидмати шоистаеро ба анҷом расонд. Ӯ дар тазкираи «Намунаи адабиёти тоҷик» дар бораи ҳаёт ва фаъолияти бештар аз 220 нафар адибон маълумот дода, аз эҷодиёти онҳо намунаҳо овардааст. Вай собит намуд, ки Мир Алишер Навоӣ, Лутфӣ, Муҳаммад Солеҳ, Гулшанӣ, Машраб ва дигарон дар рушди адабиёти халқҳои тоҷику ӯзбек нақши арзанда доранд.

Устод Садриддин Айнӣ асарҳои худро ба ду забон эҷод кард ва осори тоҷикиашро ба забони ӯзбекӣ, баръакс, осори ӯзбекиашро ба забони тоҷикӣ худ тарҷума кардааст. Мисолан, Устод Айнӣ романи «Ғуломон» ва рисолаи «Алишер Навоӣ»-ро ба забони ӯзбекӣ навишта, пас ба забони тоҷикӣ бо таҳриру иловаҳо тарҷума ва нашр намудааст. Қиссаи «Одина»-ро ба забони тоҷикӣ навишта, пас ба ӯзбекӣ тарҷума намудааст. Устод Айнӣ ба рушду ривоҷ ва тарбияи адибони ӯзбек низ саҳми арзанда дорад. Ҳамин ҳамкориҳои пурсамари адабӣ буд, ки «... Устод Айнӣ ба баъзе адибони ӯзбек ҳаққи устодӣ дошта, онҳо дар хотироташон аз муҳаббат ва меҳрбонии ӯ бо самимият изҳори назар кардаанд. Ҳамзамон, як зумраашон дар пайравии Устод С. Айнӣ асар офарида, мактаби адабии ӯро идома додаанд. Махсусан, Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ, Абдулло Қодирӣ ва Ғафур Ғулом аз мактаби устод гузашта, соҳиби дастовардҳои зиёду чашмрас гардидаанд». (А. Раҳмонзода. Равобити адабию фарҳангии халқҳои тоҷик ва ӯзбек. Душанбе, 2018, саҳ. 20.) Ва барҳақ, адибони ӯзбек Садриддин Айниро устоди худ эътироф намудаанд.

Устод Айнӣ бо А. Қаҳҳор ва Ғ. Ғулом натанҳо устоду шогирд, балки дӯстони бо ҳам хеле наздик будаанд. Ғафур Ғулом Айниро ҳамчун устоди худ пазируфтааст. Ҳар боре ба Самарқанд ё Душанбе мерафт, Устод Айниро зиёрат накарда барнамегашт. Устод Айнӣ низ ҳангоми сафар ба шаҳри Тошканд аз хонадони Ғафур Ғулом дидан мекард. Духтари Ғафур Ғулом Олмос менависад, ки «падарам нависандаи бузург Садриддин Айниро ҳамчун устоди худ эътироф намудаанд». Ғафур Ғулом дӯстӣ ва наздикии худро бо Устод Айнӣ эътироф намуда, дар «Дӯстамро ёд мекунам» ном мактуби худ навишта буд: «Устодони муҳтарамамон Айнӣ ва Лоҳутӣ хонаи маро чун хонаи худ донистаанд. Меҳмонхонаи онҳо дар шаҳри Тошканд хонаи ман буд. Мулоқоти мо ҳангоми вохӯриҳо бештар ба мушоира табдил меёфт... Зимни суҳбат дар мушоираҳо Хайём, Саъдӣ, Ҳофиз, Лутфӣ, Алишер Навоӣ ... бо мо буданд».

Устоду шогирдӣ, дӯстии адибони барҷаста Садриддин Айнӣ, Ғафур Ғулом ва Абдулло Қаҳҳор ба дӯстии адабиёти ду халқи ба ҳам бародар – тоҷику ӯзбек мубаддал гардида, халқҳоро боз ҳам ба ҳамдигар наздиктар гардонидааст. Ин нуктаро мо боз ҳам бештар аз мактубҳои Устод Айнӣ ва ё мактубҳои аз адибон ва ё намояндагони халқи ӯзбек, ки ба устод навиштаанд, беҳтару бештар эҳсос мекунем.

Номанигорӣ дар баробари офаридани назму насри мондагор ҷузъе аз фаъолиятҳои доимӣ ва рӯзмарраи Устод Садриддин Айнӣ будааст. Устод Айнӣ номанигориро чун жанри мӯъҷазу хурди адабӣ ва паёмбару паёмовар бо шахсиятҳои барҷастаи замон, муассисаву нашриёҳои бонуфузи давронаш бештар ба кор бурдааст. Жанри нома ё мукотиба ҳамчун яке аз василаҳои мушкилкушо ва зуд ба сомон расонандаи ормонҳои муҳими илмиву адабӣ ва ниёзмандиҳои фарҳангиву хусусии Устод Айнӣ хидмат кардааст.

Ба ифтихори 146-солагии Устод Айнӣ бо саъю ҳаракат ва таҳия, таҳрир, тасҳеҳ ва тавзеҳоти Анзурати Маликзод ва Гулбаҳор Усмонова «Мактубҳо» (нашри дувум бо тасҳеҳ, такмил ва иловаҳо, Душанбе, «Меҳроҷ Граф», 2024) ном китоби Устод Садриддин Айнӣ аз чоп баромад. Ба қавли таҳиягарони китоб «Аксари номаҳои Устод Айнӣ фарогиру муфассал буда, баёнгари ҳолати рӯҳиву равонии худи нависанда, нишондиҳандаи авзои иҷтимоӣ-сиёсӣ, бозтобдиҳандаи вазъи эҷодиву хонаводагии муаллиф ва муҳити зиндагии ӯ низ мебошанд. Бинобар ин, аҳамияти номаҳои Устод Айнӣ камтар аз аҳамияти осори адабиву илмии ӯ набуда, балки баробар ба мероси арзишманди бадеӣ ва илмӣ-тадқиқотии ӯ арзиш касб мекунанд. (Китоби номбурда, саҳ. 4-5)». Ҳаққонияти ин гуфтаҳо натанҳо ба таърихи халқи тоҷик, балки ба ҳаёти сиёсиву иҷтимоӣ ва рушду нумӯи адабиёти халқи ӯзбек низ тавъам аст. Инро мо аз чанд мактубе, ки ба намояндагони халқи ӯзбек навишта шуда, ба китоб ворид гардидаанд, хуб дарк ва эҳсос мекунем.

Устод Айнӣ дар зиндагӣ ва ҳам дар фаъолияти эҷодӣ таҷрибаи зиёд дошт. Бинобар дар тарбия ва ба камол расидани адибони ҷавон ба таҷрибаи андӯхта такя мекард. Ӯ ба ҳар як иштибоҳ ё нуқсони адибони ҷавон зиёд эътибор медод ва пайи ислоҳи он иштибоҳ ва ё нуқсон ибрози андеша менамуд. Ин ҷо барои собит намудани андеша бо овардани як мактуби Устод Айнӣ ба Саидҷон Алиев аз 25.07.53 қаноат мекунем: «... Соли гузашта ва имсол аз шумо бисёр мактуб гирифтам. Аммо бархилофи одати худ, ба ҳеҷ кадоми онҳо ҷавоб навишта натавонистам. Сабаби ин дурудароз дар бистари беморӣ хобидани ман аст. Ҳоло, ки андак қувват пайдо кардам, ба имло карда нависондани ин мактуб муваффақ шудам.

Рафиқ Саидҷон! Як мактубатон дар хусуси қобилияти набераи бародари ман Юсуфҷон Иброҳимзода буд. Дар он мактуб ба ӯ ёрмандӣ карданатонро ва шеърҳои ӯро ба газета чоп кунонданатонро изҳор карда будед. Аз худи талабаи мазкур низ 2-3 мактуб гирифтам, ки хеле аз шоир шудани худ фахр мекунад.

Рафиқ Алиев! Ба фаҳми ман ва аз рӯйи таҷрибаи ман, ба ҷавонон ин гуна роҳбарӣ кардан зарарнок аст. Онҳоро ҳамеша ба хондани адабиёт ва ба фаҳмида хондани он ташвиқ кардан лозим аст, аммо дар хурдсолӣ ва камтаҷрибагӣ асарнависиро дар онҳо манъ кардан зарур аст, то ки онҳо ба дарди мағрурӣ гирифтор нашаванд. Бо таҷриба собит гардид, ки ҳар ҷавоне, ки дар хурдсолӣ мағрур шавад, аз камол дур мемонад, он низоъҳое, ки дар байни баъзе нависандагони Ӯзбекистон ҳаст, натиҷаи дар хурдсолӣ мағрур шудани онҳост. Сабаб ҳамин аст, ки онҳо танқидро қабул намекунанд, ё ин ки ноҳақона худашон дигарҳоро танқид мекунанд». (Ҳамон ҷо, саҳ. 584).

Ин мактуб далели мӯътамадест аз он ки Устод Айнӣ ҳатто солҳои охири ҳаёти худ аз маслиҳат ва кумаки маънавӣ ба адибони ҷавон дурӣ нагирифтааст. Аз матни мактуб ошкор аст, ки Устод Айнӣ ҳамеша бо дарди рушди адабиёт зинда буд ва то охири умр ба он содиқ мондааст.

Хидматҳои Устод Айнӣ дар рушду равнақи адабиёти навини ӯзбек эътироф гардида, ӯро чун яке аз поягузорони адабиёти навини ӯзбек эътироф намудаанд. Аз ҷумла нависандагони ҷавони Бухоро эътироф доштаанд, ки «Шумо (Устод Айнӣ – **Ҳ. Ғ.**) асарҳои бадеӣ ва илмии пурқимат эҷод карда.., ба хазинаи маданияти халқҳои тоҷик ва ӯзбек ҳиссаҳои беҳамтои худатонро ҳамроҳ кардед.

Ҳақ дорем, ки асарҳои шуморо энсиклопедияи таърихи халқҳои тоҷик ва ӯзбек гӯем». (Ҳамон ҷо, саҳ. 582).

Устод Айнӣ аз айёми кӯдакӣ то замони шӯравӣ дар зиндагӣ моҳияти камбизоативу қашшоқиро хуб дарк карда буд. Бинобар ин, ӯ ҳамеша ҷавонони соҳибистеъдодро дастгирӣ намудааст. Барои далел порчаеро аз мактуби Устод Айнӣ, ки «Ба Шароф Рашидов» ном дорад, аз 29 феврали соли 1954, пешкаши хонанда менамоем. Духтари нависанда Раъно Узоқова дар сесолагӣ аз модар ятим мондааст. Устод Айнӣ дар мактуб навиштааст: «Акнун ин духтарак синфи савум мехонад. Хароҷоти тарбияаш афзудааст. Зеро ин пиру кампир қашшоқ буда, писарашон дар ҷанг ҳалок гардидааст ва ба нафақае, ки ба хотири ӯ (фарзандашон) барои эшон меояд, аз ӯҳдаи таъмини хароҷоти духтарак намебароянд. Раъно Узоқова бошад, дар ин ҷо дигар хешу ақрабо надошт...

Ин духтарак ҳам хеле соҳибистеъдод аст. Аз шумо илтимос ин аст, ки агар Президиуми Шӯрои Олии ҶШС Ӯзбекистон бо ташаббуси шумо, то таҳсили мактаби олиро тамом карданаш ба ин духтар нафақа таъйин намояд, хеле ба ҷо хоҳад шуд». (Ҳамон ҷо, саҳ. 603, 605).

Ҳамин тариқ, мактубҳои ӯ дақиқан шаҳодат медиҳанд, ки Устод Айнӣ натанҳо ба тарбияи адибон сарукор доштааст, балки ҷавонони соҳибистеъдодро аз ҷиҳати моддӣ низ сарпарастӣ намудааст. Устод Айнӣ сарпарасти маънавӣ-маърифатӣ ва моддии намояндагони ду халқ буд.

**Ҳилола ҒУЛОМОВА,**
*шаҳри БУХОРО.*

# САЗОВОРИ НОМИ ОВОЗХОНИ МАШҲУР



Мардум одати аҷиб доранд: фазилатҳои беҳтарини ин ё он шахс писандояд, ба фарзанд ё набера, бо як олам орзую умед номашро мегузоранд, то «нури дида»-ашон мисли ӯ маҳбуб гардад.

Солҳои 70-80-уми асри гузашта нафақат дар деҳаи мо, балки дар деҳаву гузарҳои шаҳру ноҳияҳои гуногун навзодон, агар писар бошад, гузоштани номи Ҷӯрабек ранги одатро гирифта буд. Албатта, ин тасодуфӣ нест, сабаби асосӣ савту сурудҳои воломақоми устоди забардасти санъати овозхонии тоҷик, Артисти халқии Иттиҳоди Шуравӣ Ҷӯрабек Муродов мебошад.

Аслан Қӯшшаев зодаи деҳаи Навбури ноҳияи Шофиркон мебошад. Агар гӯем, ки аҳли хонадон ҳама дилбохтаи санъатанд, муболиға намешавад. Аслан аз бачагӣ суруд мехонд, меҳри санъат ӯро водор намуд, ки баъди ҳатми мактаби миёна таҳсилро дар омӯзишгоҳи санъати Бухоро ба номи Мухтор Ашрафӣ давом диҳад.

Аслан дилбохтаи савту сурудҳои Ҷӯрабек Муродов буд ва дар маҳфилҳо онҳоро замзама мекард. Вақте ки ҳамсараш обистан буд, ӯ бо орзуҳои ширин фарзанди навбатиро интизорӣ мекашид. 25 декабри соли 1980 дар оилаи вай хурсандӣ рух дод, ҳамсараш писар таваллуд кард. Ба вай бо як олам орзую умед Ҷӯрабек ном ниҳод, то вай ҳам монанди ҳофизи овозадор ба дилу дидаҳо наздик шавад.

Мегӯянд, ки нияти нек – ними давлат. Ҷӯрабеки хурдсол дар муҳити савту суруд чашм кушода, дил ба он бохт. Вай дар кӯдакистони бачаҳои боистеъдод сабақ омӯхт. Вақте панҷ сол дошт, моҳирона доира мезад. Дар ана ҳамин айём Ҷӯрабек Муродов бо дастаи ҳунарии худ ба шаҳри Бухоро ташриф овард. Ака Аслан, ки пешомадро медонист, дар қатори аввалинҳо билет гирифт ва бо орзую умедҳои зиёд Ҷӯрабекро ба консерт бурд. Толори Лабиҳавз мухлисони ҳофизи хушадоро ғунҷонда наметавонист. Консерт бо рӯҳбаландӣ оғоз ёфт.

Вақте суруди навбатии овозхон ба охир расид, ака Аслан ҳамроҳи писарчааш бо гулдаста ба саҳна баромад.

Сарояндаи маҳбуб Ҷӯрабеки хурдсолро бо гулдастааш ба оғӯш гирифта, аз рухсораш бӯсид. То мисли шумо азизи мардум шавад, ба ин Ҷӯрабек ном ниҳодем, гуфт падар. «Худо умрашро дароз кунад, писарча ба камол расад», дуо кард Ҷӯрабек.

– Ҳамноматон доиразани хуб аст, агар иҷозат диҳед, вай бо доирааш ба сурудатон ҷӯр шавад, – хоҳиш намуд Асланака.

– Ба чашм, – гуфт ҳофиз ва доираро ба наврас дода, лаҳзае ӯро имтиҳон кард. Ба овози пурҷозибаи ҳофиз ҳунармандона ҷӯр гаштани доира аҳли толорро ба ваҷд овард, кафкӯбиҳояшонро ба ҳунари ду Ҷӯрабек дареғ надоштанд.

Ҷӯрабек Қӯшшаев нӯҳ сол дар мактаби ба номи С. Айнӣ ва мактаби ба номи Улуғбек таҳсил гирифт. Пас ду сол дар шуъбаи сарояндагии анъанавии омӯзишгоҳи мусиқии ба номи Ашрафӣ маҳорати ҳунариашро такмил дод. Бо иштироки амакзодаҳояш Илҳом, Икром, Аҳмад, Акрам Қӯшшаевҳо дастаи ҳунарӣ созмон дода, дар чорабиниҳои гуногун иштирок кард. Дертар дар коллеҷи санъат асрори эстрада омӯхт.

Соли 2002 дар Бухоро мусобиқаи «Универсиада – 2002» байни донишҷӯёни мактабҳои олӣ баргузор гардид. Дар маросими кушодашавии он устоди санъат Баҳодур Йӯлдошев бо мақсади пайдо кардани иҷрокунандаи муносиби як суруд, соҳибистеъдодҳои ҷавони бухороиро аз назар гузаронд, сурудҳояшонро шунид, вале аз чӣ сабаб бошад, пайдо кардани сурудхони табъи дил осон нашуд. Ниҳоят, азму кӯшишҳои пай дар пай бесамар намонд. Оқибат ёфт он сарояндаро, ки дар орзуяш буд. Ин ҳамон Ҷӯрабек Қӯшшаев буд, ки бо суруди ширу шакари ҳазрати Ҷомӣ: «Эй лабат пурхандаву чашми сиёҳат масти хоб» ба барномаи мусиқии маросими кушодашавии универсиада роҳхат гирифт.

Офаридгор ба Ҷӯрабек иқтидоре додааст, ки ҳар як суруди писандидаашро баъди ду-се бор шунидан, метавонад айнан такрор кунад. Ин фазилат аз овони бачагӣ ба вай имкон додааст, ки сурудҳои пурҷозибаро дар муддати хеле кӯтоҳ азхуд кунад. Аз он, ки Ҷӯрабек дилбастаи сурудҳои халқӣ-эстрадист, сурудҳои устодони эстрада Ботир Зокиров ва Далер Назаровро бештар дӯст медорад. Онҳоро ба услуби ба худ хос талқин менамояд. Вақте вай 15 сол дошт, суруди арабии Б. Зокиров – «Танго»-ро ба қиём расонда иҷро кардааст.

Дар ҳаёти Ҷӯрабек воқеаҳои хотирмон кам нестанд. Боре вай дар консерти Консерваторияи давлатии Ӯзбекистон суруди «Мафтун бӯлдим»-и Б. Зокировро иҷро карда, ба назари оҳангсози машҳур Мутаваккил Бурҳонов афтод. Муаллифи «Суруди миллӣ» ба истеъдод ва маҳорати Қӯшшаев баҳои баланд дода буд.

Ин воқеа соли 2007 рух додааст. Бо ташаббуси сафоратхонаи Швейтсария дар Тошканд фестивали мавригихонӣ ба амал омад. Дар он 15 нафар мавригихонҳои машҳур, аз ҷумла аз Бухоро Юсуф Шукуров, Ориф Атоев, Ҷӯрабек Қӯшшаев ва дигарон иштирок карданд. Дар консерти дурӯза дар қатори меҳмонон сафирони мамлакатҳои хориҷӣ иштирок карданд. Маросими ҳавасмандгардонии ғолибон дар Театри тамошобинони ҷавон ба амал омад. Ғолибӣ бино ба номинатсияи «Мавригихони беҳтарин» ба Ҷӯрабек Қӯшшаев насиб кард. Мухлисони санъати ноб Ҷӯрабекро табрик карданд.

Узви ансамбли «Мавригӣ»-и Бухоро Ҷӯрабек Қӯшшаев бо «Боз омадӣ», «Чорзарб», «Ёр амон», «Ин ҳама ширинлабон», «Сабзаке», «Анор-анор», «Лайлиҷон», «Туро намепарастам», «Донӣ-донӣ» барин сурудҳои пурҷозибааш кайҳост, ки байни мардум эътибор пайдо кардааст. Ба вай лозим омадааст, ки ба Ҳиндустон, Ветнам, Туркманистон, Тоҷикистон ва шаҳру ноҳияҳои Ӯзбекистон сафар карда, мардумро бо санъати қадимии шаҳри бостонӣ ошно созад. Моҳи ноябри соли 2023 сафари ҳунарии «Мавригӣ» дар Тоҷикистон сурат гирифта буд. Боиси хурсандист, ки мулоқоти эҷодии Ҷӯрабек Қӯшшаев бо санъаткорони Тоҷикистон, аз ҷумла, Парвина Юсуфӣ ва Нигина Амонқулова баҳри такмили маҳорати касбии онҳо хидмат мекунад. Чанде пеш сафари эҷодии санъаткорони филармонияи Бухоро, аз ҷумла Ҷ. Қӯшшаев, ба ноҳияи Фориш рух дода буд. Соли ҷорӣ чунин сафар ба ноҳияи Сӯх сурат гирифт. Дар он ҷо таҷрибаивазкунӣ ва дарси маҳорати санъаткорон баргузор гардид.

– Ҷӯрабек яке аз санъаткорони болаёқати дастаи ҳунарии мо, баҳри ҷозибанок гузаштани чорабиниҳои гуногуни фарҳангии вилоятиву ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама барномаҳои консертии Маркази маданнии тоҷикону форсҳои вилоят «Офтоби суғдиён» саҳми арзанда мегузоранд. Фикр мекунам, дар ҳунари сароянадагӣ ба мақоми устодӣ расидааст, шогирдони хубу умедбахш дорад, – гуфт директори филармонияи вилоят, роҳбари ансамбли «Мавригӣ», раиси Маркази мадании тоҷикону форсҳои вилоят – «Офтоби суғдиён» Рауф Авезов ҳангоми суҳбат бо мо.

Ҷӯрабек ва ҳамсари ӯ Дилдора ду духтару як писарро ба камол мерасонанд. Дар оила анъанаи хонадон идома дорад.

Шаҳинабоную Ҷаъфарбек дастпарварони таълимгоҳи мусиқианд.

**Амрулло АВЕЗОВ,**
**хабарнигори «Овози тоҷик»**
**дар вилояти Бухоро.**

## ШЕЪРИ САФЕД

(Аввалаш дар саҳ.3).

Гузашта аз ин, дар баъзе намунаҳои шеъри сапед мебинем, ки гӯё шоир қасдан он шеърро аз ҷилди арӯз, ки ба сурати табиӣ чун ҳолае оҳангин пайкари онро иҳота карда, берун овардааст. Масалан, ин шеъри сапедсарои муосири эронӣ Бежан Ҷалолӣ:

*Тани ту чун хӯшаҳо*
*бар рӯйи дастонам шукуфт.*
*Тани ту чун гиёҳ*
*дар дастони ман рӯйид*
*ва хуша кард ва рушан шуд*
*баъд афсурд ва торик шуд*
*онак, ба ёди ту гулҳои ғуруб*
*хомӯш ва атрогин ҳастанд.*

Акнун таваҷҷуҳ кунед, ки тарҳи арӯзии ин шеър (ҳазаҷи мақбуз, ки барои мисол сохта шуд, ба осонӣ ва содагие, ки гӯё мо танҳо оҳангу вазнро аз таркиби он берун оварда бошем) чи фосилаи ночизе бо «тарҳи сапед»-и он дорад:

*Тани ту мисли хӯшаҳо*
*Ба дастҳои ман шукуфт.*
*Тани ту ҳамчунон гиёҳ*
*Ба дастҳои ман дамид.*
*Ва хӯша кард, дурахш дод,*
*Сипас фусурду тира шуд.*
*Кунун ба ёди ту гули ғуруб*
*Хамӯшу атрогин аст.*

Шеъри сафед дар назми муосири тоҷик низ мақоми муносиби худро пайдо кардааст ва вижагиҳои худро доро мебошад.

**Рустам ВАҲҲОБ,**
**шоир ва адабиётшинос.**

Ҷамоаи «Овози тоҷик» ба собиқ ходими рӯзнома Фахриддин Парпиев нисбати вафоти модараш

**Рисқимомо ПАРПИЕВА**

ҳамдардии амиқ изҳор менамояд.

Овози тоҷик
МУАССИСЛАР:
Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Қонунчилик палатаси Кенгаши, Ӯзбекистон Республикаси Олий Мажлиси Сенати Кенгаши ва Ӯзбекистон Республикаси Вазирлар Маҳкамаси.
*Тожик тилида нашр этилади.*

Сармуҳаррир
Шерпӯлод ВАКИЛОВ
**Рӯзнома ҳафтае ду маротиба: рӯзҳои чоршанбе ва шанбе чоп мешавад.**
***Рӯзнома дар компутерхонаи идора ҳарфчинӣ ва саҳифабандӣ гардид.***

*Ҳаҷми насри бадеӣ, очерку мақола аз 5 саҳифаи чопи ду интервалӣ ва шеър аз 50 мисраъ зиёд бошад, идора қабул намекунад. Рӯзнома ба мактубҳои интишорнашуда ҷавоб намегардонад.*

Рӯзнома 25 июни соли 2008 дар Оҷонсии матбуот ва ахбороти Ӯзбекистон таҳти рақами 0003 ба рӯйхат гирифта шудааст.
Индекси нашр — 170 . Фармоиши 2 Г-128.
Адади нашр 3680. Ҳаҷм 2 ҷузъи чопӣ.
Усули нашр – офсет, андозаи А-2.
1 2 3 4 5 6
ISSN 2010-7757

Муҳаррири навбатдор: Н. Нодирова.
Саҳифабанд-дизайнер: Х. Тӯхтаева.
Мувофиқи ҷадвал — 21.00
Ба чоп супурда шуд — 20.00

Нишонии мо:
100011 ш.Тошканд, кӯчаи Навоӣ, 30, ошёнаи 4.
Телефонҳо: қабулгоҳ: +998555200337; Котибот +998555200336. Факс: +998555200337.
сайт http://ovozitojik.uz/, e-mail: ovozitoj@umail.uz, ovozi@list.ru
Индекси обуна 170.
Матбааи табъу нашри Ширкати саҳҳомии «Шарқ». Нишонии корхона: кӯчаи Буюк Турон, хонаи 41.